KRESTON AC

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПУШИДА ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ “ПАЙМОН ИНШУРЕНС”

**Ҳисоботи молиявӣ**
барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст

**ва ҳисоботи аудиторони мустақил**

Scanned with CamScanner

**ЧСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"**

**МУНДАРИЧА**


| | Саҳифа |
|---|---|
| ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИД БА МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ: | 3 |
| ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ | 4-7 |
| ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ: | |
| Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр | 8 |
| Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ | 9 |
| Ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя | 10 |
| Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ | 11-12 |
| Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ | 13-38 |


Scanned with CamScanner

## ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

### ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ

Маълумоти дар поён овардашуда, ки бояд якҷоя бо тавсифи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи пешниҳодшудаи аудиторони мустақил омадаанд, баррасӣ шавад, бо мақсади ҳудудгузории масъулияти роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии пушида Ташкилоти суғуртавии "Паймон Иншуренс" (минбаъд - "Ширкат") ва аудиторони мустақил барои ҳисоботи молиявии Ширкат пешниҳод мешавад.

Роҳбарияти Ширкат барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ масъул мебошад, ки он вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйироти дар сармояи Ширкат баамаломадаро дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) ба таври воқеъбинона ва ҳамаҷиҳата инъикос намудааст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ Роҳбарият ҷавобгар аст ба:

- интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- истифодаи баҳогузорӣ ва ҳисобу китоби асоснок;
- риояи талаботи СБҲМ е ошкор кардани ҳама ихтилофоти назаррас аз СБҲМ дар Тавзеҳотҳо ба ҳисоботи молиявӣ; ва
- омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз нуқтаи назари имконпазирии фарзияе, ки Ташкилот фаъолияти худро дар оянда низ давом дода метавонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки амалидошти чунин фарзия бо қонун манъ карда шудааст.

Роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин низ масъулият ба зимма мегирад:

- таҳия, татбиқ ва таъмини фаъолияти системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилӣ дар Ширкат;
- истифода намудан аз низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки имкон медиҳад ҳар лаҳза дар бораи вазъи молиявии Ширкат маълумоти ба дараҷаи кофӣ аниқ омода гардида, мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ таъмин карда шавад;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СБҲМ;
- андешидани чораҳо дар доираи салоҳияти худ барои таъмини амнияти дороиҳои Ширкат; ва
- ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои қаллобӣ, хатоҳо ва дигар сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2025, аз ҷониби Роҳбарияти Ширкат дар таърихи 19 марти соли 2026 тасдиқ карда шуд.

**Аз номи Роҳбарияти Ширкат:**

**Зикирзода Ҷамшеди Собир**
**Директор**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зияев Ҳусейн**
**Сармуҳосиб**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон



Scanned with CamScanner

KRESTON AC

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба Муассисони ЧСП ТС "Паймон Иншуренс":

### Ақидаи аудитор бо эзоҳ

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии пушида Ташкилоти суғуртавии "Паймон Иншуренс" (минбаъд - "Ширкат") гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2025, ҳисобот оиди фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Аз рӯйи ақидаи мо, ба истиснои таъсири эҳтимолии ҳолатҳое, ки дар банди "Асос барои изҳори ақида бо эзоҳ", ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Ширкатро дар санаи 31 декабри соли 2025 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда анҷом ёфтааст, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

### Асос барои изҳори ақида бо эзоҳ

**[1] Мавҷуд набудани арзёбии актуарии захираҳои суғуртавӣ**

Ширкат ҳангоми ташаккули захираҳо оид ба зарарҳои суғуртавӣ ба талаботи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – БМТ) аз 23 декабри соли 2024, №101 тасдиқ шудааст "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ" роҳбарӣ менамояд, ки мувофиқи қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" таҳия гардида, тартиб ва меъёрҳои ҷудо намудани маблағҳоро ба фондҳои захиравии суғуртавӣ муайян менамояд. Методологияи ташаккули захираҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби Ширкат истифода мешавад, ба талаботи СБҲМ (IFRS) 17 "Шартномаҳои суғурта" мувофиқат намекунад, ки мутобиқи он уҳдадориҳои суғуртавӣ бояд дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ дар асоси арзёбиҳои ҳисобии ҷории ҷараёни маблағҳои пулии оянда аз рӯи шартномаҳои суғурта арзёбӣ карда шаванд. Ҳангоми муайян намудани захираҳо Ширкат аз услубҳои арзёбии актуарӣ ва ҳисобҳои актуарӣ истифода намебарад. Бинобар мавҷуд набудани ҳисобҳои актуарӣ ва татбиқи муносибати соддакардашуда, мо натавонистем дар мавриди асоснокии ҳаҷми захираҳо оид ба зарарҳои суғуртавӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2025, ки ба маблағи 14, 852 ҳазор сомонӣ (Тавзеҳоти 14) инъикос ёфтаанд, инчунин хароҷоти марбута оид ба пардохтҳои суғуртавӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст, ки ба маблағи 518 ҳазор сомонӣ (Тавзеҳоти 5) инъикос ёфтаанд, далелҳои кофӣ ва муносиби аудиторӣ ба даст орем. Мувофиқан, мо натавонистем муайян кунем зарурияти ислоҳот ба маблағҳои зикршуда.

**[2] Номутобиқатӣ ба меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирӣ**

Дар Тавзеҳоти 20 "Талаботи пруденсиалӣ" ҳисоби таносуби меъёрии воситаҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшуда ошкор карда шудааст. Ба ҳолати санаи ҳисоботӣ нишондиҳандаи кифоятии маржаи пардохтпазирии М1(2) ба меъёри муқарраршуда, ки бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2020, №135 "Тартиби ҳисоб кардани таносуби меъёрии маблағҳои (сармояи) худӣ ва ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтааш аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" пешбинӣ гардидааст, мувофиқат намекунад. Муайян намудани зарурияти ворид намудани ислоҳот ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ вобаста ба ҳолати зикршуда имконнопазир гардид.

РМА: 020043570 РЯМ: 0210020232
1-ум гузаргоҳи кӯчаи М. Турсунзода 10,
шаҳри Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 90 703 2322 | www.kreston.tj | info@kreston.tj
Аъзои мустақили Kreston Global | Шабакаи байналмилалии ширкатҳои машваратии мустақил



Scanned with CamScanner

KRESTON AC

Мо аудитро тибқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит ("СБА") гузаронидем. Масъулиятҳои мо тибқи ин стандартҳо минбаъд дар бахши "Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ" дар ҳисоботи мо тавсиф карда мешаванд.

Мо мувофиқи "Кодекси ахлоқи муҳосибони касбӣ" - и Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон ("Кодекси СМСЭБ") ва талаботи ахлоқии марбут ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ширкат мустақил буда, тибқи ин талабот ва кодекси СМСЭБ дигар вазифаҳои ахлоқиро иҷро намудем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторӣ, ки мо гирифтаем, кофӣ ва дурустанд, ки барои изҳори ақидаи мо бо эзоҳ асос бошанд.

**Бобҳое, ки ҷолиби диққат аст**

**[1] Барзиёд гардидани меъёрҳои диверсификатсияи доороиҳои ликвидӣ (бозоргир)**

Дар Тавзеҳоти 9 «Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо» маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ ба маблағи 115 993 ҳазор сомонӣ, ки дар ҶСК «Коммерсбонк Тоҷикистон» ҷойгир шудаанд, нишон дода шудаанд. Консентратсияи мазкури маблағҳои пулӣ аз меъёри муқарраршудаи диверсификатсия, ки 40 фоиз аз ҳаҷми умумии дороиҳои ликвидиро ташкил медиҳад ва тибқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №135 аз 9 октябри соли 2020 муқаррар гардидааст, зиёд мебошад.

**[2] Барзиёд гардидани маблағҳои пулӣ дар хазина нисбат ба лимитҳои муқарраршуда**

Дар раванди гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст муайян гардид, ки дар давоми ду моҳи аввали ҳар семоҳаи соли 2025 бақияи маблағҳои пулӣ дар хазинаҳои Ширкат аз меъёрҳои (лимитҳои) муқаррарнамудаи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2020, №135 зиёд буданд. Мутобиқи Қарори зикршуда, бақияи маблағҳои пулӣ дар хазинаи ташкилотҳои суғуртавӣ набояд аз 4 фоизи сармояи оинномавӣ, вале на бештар аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**[3] Услуби ҳисоби захираҳои суғуртавӣ**

Ҳангоми ташаккули захираҳо оид ба зарарҳои суғуртавӣ Ширкат услуберо татбиқ менамояд, ки мувофиқи он захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда (ЗЗАП) дар ҳаҷми 5 фоиз аз маблағи ҳаққи суғуртаи заминавӣ (базавӣ) аз рӯи ҳар як шартномаи суғурта ва захираи зарарҳои бавуҷудомада, вале арзнашуда (ЗЗБА) — дар ҳаҷми 50 фоиз аз маблағи ЗЗАП ҳисоб карда мешаванд.

Ақидаи мо вобаста ба ҳолатҳои дар боло зикршуда тағйир дода нашудааст.

**Маълумотҳои дигар**

**[1] Мӯҳлати амали иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мӯҳлати амали иҷозатномаи Ширкат барои пешбурди фаъолияти суғуртавӣ санаи 26 марти соли 2026 ба охир мерасад. Ба ҳолати санаи тасдиқ гардидани ҳисоботи молиявӣ, аз ҷониби роҳбарияти Ширкат 6 марти соли 2026 ба Бонки миллии Тоҷикистон дархости расмӣ ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатномаи нав ирсол карда шудааст. Роҳбарияти Ширкат гирифтани иҷозатномаи навро бо тартиби муқарраршуда интизор мебошад.

РМА: 020043570 РЯМ: 0210020232
1-ум гузаргоҳи кӯчаи М. Турсунзода 10,
шаҳри Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 90 703 2322 | www.kreston.tj | info@kreston.tj
Аъзои мустақили Kreston Global | Шабакаи байналмилалии ширкатҳои машваратии мустақил



Scanned with CamScanner

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият масъулияти таҳия ва пешниҳоди дурусти ҳисоботи молиявии зикршударо мутобиқи СБҲМ ба зимма дорад, инчунин барои низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявие, ки дорои таҳрифоти муҳими ба натиҷаи қаллобӣ ё хатоӣ сабабшуда намебошад, зарур мешуморад, ҷавобгар мебошад. Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии мазкур, роҳбарият масъул аст барои баҳодиҳии қобилияти Ширкат дар идомаи фаъолият дарояндаи назоратшаванда, ифшои маълумоти дахлдор дар ҳолатҳои зарурӣ, ки ба масъалаи идомаи фаъолияти субъект дахл доранд, ва истифодаи принсипи идомаи фаъолият ҳамчун асоси муҳосибот, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳам додани ташкилот, қатъ намудани фаъолияти онро дорад ё вақте ки роҳбарият имкони воқеии дигаре ғайр аз барҳамдиҳӣ ё қатъи фаъолияти онро надорад. Шахсони масъул оид ба идоракунии корпоративӣ масъулияти назорат бар раванди таҳияи ҳисоботи молиявии Ширкатро доранд.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидаҳои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедиҳад, ки аудит дар асоси СБА ҳамеша таҳрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алоҳидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд.

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Ширкат, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Ширкат ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатънашандаи Ширкат гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.



Scanned with CamScanner

Мо ба шахсони масъули роҳбарикунандаи Ширкат маълумотро оиди банақшагирии ҳаҷм ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Диловар Шеров
Директори ҶДММ "Крестон АС"

Иҷозатномаи ФАС № 0000010, ки
аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон
10 ноябри соли 2022 дода шудааст.

19 марти соли 2026,
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон



Scanned with CamScanner

ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

## ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Тавз. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Мукофоти суғурта, маблағи умумӣ | 5 | 82,678 | 60,677 |
| Тағйирёбии захираи мукофоти ба даст оварданашуда | 5 | (7,516) | (1,249) |
| Тағйирёбии захираи талафот | 5 | (9,082) | (1,818) |
| Пардохтҳои суғуртавӣ | 5 | (518) | (426) |
| Мукофоти комиссионӣ барои дилерҳо | 5 | (2,966) | (2,535) |
| Натиҷа аз фаъолияти суғуртавӣ | | 62,596 | 54,649 |
| Хароҷоти молиявӣ барои иҷора | 11 | (17) | (19) |
| Зарар аз амалиёти асъори хориҷӣ | 6 | (405) | - |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 7 | (8,583) | (5,817) |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ, соф | | 6 | - |
| ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ | | 53,597 | 48,813 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 8 | (9,585) | (8,774) |
| ФОИДАИ СОФИ СОЛОНА | | 44,012 | 40,039 |
| Маҷмӯи даромади ғайр | | - | - |
| ҲАМАГИ ДАРОМАДИ УМУМӢ | | 44,012 | 40,039 |

**Аз номи Роҳбарияти Ширкат:**

**Зикирзода Ҷамшеди Собир**
**Директор**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зияев Ҳусейн**
**Сармуҳосиб**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.



Scanned with CamScanner

ЧСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Тавз. | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 9 | 115,184 | 48,890 |
| Воситаҳои асосӣ | 10 | 89 | 106 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 11 | 40 | 21 |
| Дороиҳои андози таъхиршуда | 8 | 151 | 164 |
| Дигар дороиҳо | 12 | 400 | 1,314 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 115,864 | 50,495 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **УҲДАДОРИҲО:** | | | |
| Андозҳо барои пардохт | 13 | 359 | 503 |
| Захира барои пӯшонидани зарар | 14 | 14,852 | 5,770 |
| Захираи мукофоти ба даст овардана шуда | 15 | 37,535 | 30,019 |
| Уҳдадориҳои ичора | 11 | 48 | 35 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 16 | 5,417 | 527 |
| | | 58,211 | 36,854 |
| **САРМОЯ:** | | | |
| Сармояи саҳҳомӣ | 17 | 12,000 | 12,000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 45,653 | 1,641 |
| | | 57,653 | 13,641 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | 115,864 | 50,495 |

**Аз номи Роҳбарияти Ширкат:**

**Зикирзода Ҷамшеди Собир**
**Директор**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зияев Ҳусейн**
**Сармуҳосиб**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.
Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.



Scanned with CamScanner

ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРЁБИИ САРМОЯ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Тавз. | Сармояи оинномавӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Сармояи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2023 | 17 | 12,000 | 29,427 | 41,427 |
| Дивидендҳои эълоншуда | | - | (67,825) | (67,825) |
| Фоида барои сол | | - | 40,039 | 40,039 |
| Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2024 | 17 | 12,000 | 1,641 | 13,641 |
| Дивидендҳои эълоншуда | | - | - | - |
| Фоида барои сол | | - | 44,012 | 44,012 |
| Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2025 | 17 | 12,000 | 45,653 | 57,653 |

**Аз номи Роҳбарияти Ширкат:**

**Зикирзода Ҷамшеди Собир**
**Директор**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зияев Ҳусейн**
**Сармуҳосиб**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд.**
**Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.**



Scanned with CamScanner

## ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

### ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Тавз. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | | |
| Фоида то андозбандӣ | | 53,597 | 48,813 |
| Тасҳеҳот: | | | |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 10 | 17 | 17 |
| Ҳаракат дар захираи мукофотҳои ба даст наомада | 5 | 7,516 | 1,249 |
| Ҳаракат дар захираи пӯшонидани зарар | 5 | 9,082 | 1,818 |
| Истеҳлоки дороиҳои ҳуқуқи истифодабарӣ | 11 | 20 | 49 |
| Фарқияти қурби асъор дар амалиёти асъори хориҷӣ | 6 | 1,192 | (127) |
| Хароҷоти молиявӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷора | 11 | 17 | 19 |
| Ҳаракати пули нақд аз фаъолияти амалиётӣ то тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиетӣ | | 71,441 | 51,838 |
| Тағйирёбии дороиҳо ва ухдадориҳои амалиётӣ | | | |
| Камшавӣ/(афзоиши) дороиҳои амалиётӣ: | | | |
| Дигар дороиҳо | | 1,050 | (304) |
| Афзоиш/(камшавии) ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| Андозҳои пардохтшаванда | | (144) | (564) |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 4,890 | 198 |
| Воридоти пули нақд аз фаъолияти амалиётӣ то андоз аз даромад, комиссияҳо ва пардохтҳои фоизҳо | | 77,237 | 51,168 |
| Фоизҳои пардохтшуда | | - | - |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (9,708) | (9,221) |
| Воридоти пули нақд аз фаъолияти амалиётӣ | | 67,529 | 41,947 |



Scanned with CamScanner

ҶСП ТС "ПАЙМОН ИНШУРЕНС"

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ (ИДОМА)

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Тавз. | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Хориҷшавии холиси пули нақд аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | - | - |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Пур кардани сармояи оинномавӣ | | - | - |
| Дивидендҳои пардохтшуда | 17 | - | (67,825) |
| Баргардонидани ӯҳдадориҳои иҷора | 11 | (43) | (77) |
| Хориҷшавии холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | (43) | (67,902) |
| Таъсири тағйиребии қурби асъори хориҷӣ ба бақияи воситаҳои пулӣ дар асъори хориҷӣ | | (1,192) | 53 |
| АФЗОИШ ВА ХОРИҶШАВИИ ХОЛИСИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНҲО | | 66,294 | (25,902) |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНҲО, дар аввали сол | 9 | 48,890 | 74,792 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНҲО, дар охири сол | 9 | 115,184 | 48,890 |

**Аз номи Роҳбарияти Ширкат:**

**Зикирзода Ҷамшеди Собир**
**Директор**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зияев Ҳусейн**
**Сармуҳосиб**

19 марти соли 2026
ноҳияи Б. Ғафуров
вилояти Суғд
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.**



Scanned with CamScanner

## 1. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти суғуртавии «Паймон Иншуренс» (минбаъд — «Ширкат») 19 ноябри соли 2020 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 630020125 ба қайд гирифта шудааст. Ширкат барои амалӣ намудани фаъолияти худ 26 марти соли 2021 аз Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи № ФС №0000030-ро ба даст овардааст.

Намуди асосии фаъолияти Ширкат суғуртаи дороиҳо, суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи маҷмӯии воситаҳои нақлиёт ва дигар намудҳои масъулияти шаҳрвандиро ташкил медиҳад.

Суроғаи ҳуқуқии Ширкат: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кӯчаи З. Тоҳиров, 99.

Шумораи кормандони Ширкат ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 2024 мутаносибан 9 ва 10 нафар буд.

Ба ҳолатҳои 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 ҳайат ва саҳми саҳмдорони Ширкат чунин будаанд:

| | 31 декабри соли 2025 | Ҳисса | 31 декабри соли 2024 | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП «Тоҷиквнештранс» | 1,200 | 10% | 1,200 | 10% |
| ҶСП «Маркази савдои Кушониён» | 10,800 | 90% | 10,800 | 90% |
| | 12,000 | 100% | 12,000 | 100% |

Ҳисоботи молиявии мазкур аз ҷониби Роҳбарияти Ширкат 19 марти соли 2026 тасдиқ карда шудааст.

## 2. ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### Изҳорот дар бораи мутобиқат

Ҳисоботи мазкури молиявии Ширкат мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ), ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва тибқи Тавзеҳот, ки аз ҷониби Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ интишор гардидаанд, таҳия карда шудааст.

### Асъори функсионалӣ ва асъори пешниҳоди ҳисобот

Моддаҳое, ки ба ҳисоботи молиявии Ширкат ворид карда шудаанд, бо истифода аз асъоре баҳогузорӣ карда мешаванд, ки онҳо моҳияти иқтисодии вазъу ҳолатҳои марбут ба Ширкати мазкурро аз ҳама беҳтар инъикос мекунанд (минбаъд- "асъори функсионалӣ"). Асъори функсионалӣ ва асъори пешниҳоди ҳисоботи молиявии мазкур сомонии тоҷикӣ (минбаъд "сомонӣ") мебошад.

Ҳисоботи мазкур дар ҳазор сомонӣ пешниҳод шудааст, агар дигар чиз зикр нашуда бошад. Ҳисоботи мазкур бар асоси принсипи арзиши таърихӣ таҳия гардидааст, ба истиснои он воситаҳои молиявии ҷудогона, ки бо арзиши одилона (бо нархи бозор) баҳогузорӣ шудаанд.

## 3. МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### Эътироф ва андозагирии ибтидоии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Ширкат дар сурате инъикос меёбанд, ки агар Ширкат аз рӯи шартнома нисбати воситаи марбутаи молиявӣ ҳамчун



Scanned with CamScanner

тараф баромад намояд. Ширкат хариду фурўши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро, ки хусусияти муттасилӣ доранд, аз рӯи санаи ҳисобикунӣ инъикос менамояд.
Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона инъикос карда мешаванд. Арзиши ибтидоии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие нестанд, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар ба назар гирифта мешаванд, ба маблағи хароҷоти амалиётӣ, ки бевосита бо харид ё ташкили дороии молиявӣ ё баровардани ӯҳдадории молиявӣ алоқаманданд, танзим карда мешаванд. Принсипҳои баҳодиҳии минбаъдаи арзиши дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар муқаррароти дахлдори сиёсати баҳисобгирии дар поён овардашудаанд, шарҳ дода мешаванд.

Ширкат дороиҳои молиявии худро ба категорияҳои асосии зерин тасниф кардааст:
• Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад;
• Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути маҷмӯи даромади ғайр (МДҒ) баҳо дода мешавад;
• Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад.

*Воситаҳои қарзӣ*

Тасниф ва баҳисобгирии минбаъдаи воситаҳои қарзӣ вобаста аст аз:
а) Модели тиҷоратии Ширкат, ки ҳангоми идораи дороиҳои молиявӣ истифода мешаванд;
б) Хусусиятҳои дороии молиявӣ, ки бо ҷараени маблағҳои пешбининамудаи шартнома алоқаманданд.

*Модели тиҷоратӣ*

Модели Бизнес тарзи идоракунии дороиҳои молиявии Ширкатро барои тавлиди ҷараени пули накд муайян мекунад. Модели тиҷоратии истифодашуда муайян мекунад, ки ое ҷараени пули накд дар натиҷаи ба даст овардани маблағҳои дар шартнома пешбинишуда е дар натиҷаи фурӯши дороиҳои молиявӣ е дар натиҷаи ҳарду ба вуҷуд меояд. Ширкат дар ҷараени фаъолияти худ метавонад моделҳои гуногуни идоракунии дороиҳои молиявиро истифода барад, дар ҳоле ки тибқи стратегияи Рушди Ширкат ва маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интизор меравад, ки аксари дороиҳои молиявӣ дар доираи модели гирифтани гардиши пулии шартномавӣ нигоҳ дошта шаванд.

*Меъери SPPI*

Бо мақсади арзебии шартҳои шартномавии дороии молиявӣ ба меъерҳои SPPI, Ширкат барои ҳар як дороии қарзии молиявӣ санҷиши SPPI (минбаъд "санҷиши SPPI") мегузаронад. Ҳангоми гузаронидани ин арзебӣ, Ширкат ба назар мегирад, ки ое ҷараенҳои пулии шартномавӣ бо механизми асосии қарз мувофиқат мекунанд, яъне фоизҳо танҳо баррасии арзиши вақти пул, хавфи қарзӣ, дигар хавфҳои асосии қарзӣ ва фоидаро дар бар мегиранд, ки ба шартномаи асосии қарзӣ мувофиқат мекунанд. Дар ҳолатҳое, ки ба шартҳои шартномавӣ хавф е ноустуворӣ дохил карда мешаванд, ки ба механизми асосии қарздиҳӣ мувофиқат намекунанд, дороии молиявии дахлдор тавассути фоида е зарар бо арзиши одилона тасниф ва арзебӣ карда мешавад.

Дар асоси ин омил Ширкат воситаҳои қарзии худро ба се категорияи минбаъда тақсим мекунад:

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад:*
а. Маблағҳои молиявӣ дар чаҳорчӯбаи модели тиҷоратӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки мақсади он нигоҳ доштани молҳои молиявӣ барои ба даст овардани ҷараёнҳои пулӣ, ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд.
б. Шартҳои шартномаии моли молиявӣ дар муҳлатҳои муайяншуда барои гирифтани ҷараёнҳои пулӣ, ки танҳо пардохтҳои асосии қарз ва фоизҳо барои миқдори қарзи наҳрношударо ташкил медиҳанд, муайян карда мешаванд.

Арзиши тавозунии ин дороиҳо вобаста ба зарарҳои қарзии пешбинишуда тасҳеҳ карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба «Даромадҳои фоизӣ» ҳамроҳ карда мешавад.

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути маҷмӯи даромади ғайр (МДҒ) баҳо дода мешавад:*
а. Дорои дар раванди бизнес-модел, идоракунии дороиҳо бо мақсади ворид шудани воситаҳои пулии пешбинишуда дар асоси шартнома ва инчунин бо мақсади фуруши ин дороиҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад.



Scanned with CamScanner

6. Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Тағйирёбии арзиши тавозуни дар таркиби дигар даромадҳои муштарак эътироф карда мешавад. Эътирофи зарарҳои қарзии пешбинишуда, даромадҳои фоизӣ ва тағйирёбии арзиши асъори хориҷӣ дар таркиби фоида ва зарар мешавад. Вақти аз эътибор соқит намудани дорой, фоида ва зарари маҷмӯӣ дар дигар дороиҳои муштарак эътирофшуда ба фоида в зарар тасниф карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад:*

Ширкат дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад ҳамон дороиҳои молиявиеро ворид мекунад, ки ба шартҳои ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда ва бо арзиши одилона тавассути маҷмӯи даромади ғайр (МДҒ) баҳо дода шаванда мутобиқ нест. Фоида ва зарари сармоягузории қарзӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешаванд ва ба таркиби воситаҳои хеджкунонӣ дохил намешаванд дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун "Даромадҳои софи тиҷоратӣ" дар ҳамон даврае, ки пайдо шуданд инъикос менамояд. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ Ширкат метавонад бо хоҳиши худ, бе ҳуқуқи аз нав таснифкунӣ, ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф кунад, агар ин барои бартараф ё куллан кам намудани пайдарҳам набудани муносибат ба баҳодиҳӣ ва эътирофи дороиҳои молиявӣ, ки минбаъд аз якчанд асосҳои баҳодиҳии дорой ё ӯҳдадорӣ инчунин фоида ва зарари бо он вобаста ба вуҷуд меомад.

Дороиҳои молиявии ба ягон категория муайян нашуда ба категорияи дороиҳое, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад, ворид карда мешавад.

**Азнавгурӯҳбандӣ**

Ширкат дороиҳои молиявиро танҳо ва танҳо ҳангоми ба бизнес-модели барои идоракунии дороиҳои молиявӣ истифодашаванда, ки ба дороиҳои мазкур таъсир мерасонанд, тағйирот ворид намудан, ва агар ин тағйирот нисбат ба амалиётҳои Ширкат назаррас бошад, азнавгурӯҳбандӣ карда мешавад. Агар Ширкат дороиҳои молиявиро азнавгурӯҳбандӣ кунад, азнавгурӯҳбандӣ дурнамоёна аз рӯзи азнавгурӯҳбандӣ амалӣ мешавад. Ширкат фоида, зарар ё фоизҳои пеш эътироф намудаашро аз нав ҳисоб намекунад.

**Қатъ кардани эътирофкунии дороиҳои молиявӣ**

Нишон додани дороии молиявӣ (ё, агар лозим бошад, қисми дороиии молиявӣ ё қисми гурӯҳи дороиҳои молиявӣ) вақте қатъ мешавад, ки:

- Амалкунии ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулӣ қатъ шуд;
- Ширкат ҳуқуқи аз дороиҳо гирифтани воситаҳои пулиро ба интиқол дод ё ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулиро ба худ гузошт вале барои бе таъхири назарраси шахси сеюм аз руи созишномаи «гузариш» пардохт кардани онҳоро ба ӯҳда гирифт; ва
- Ширкат ё (а) амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро интиқол дод, ё (б) интиқол надод, амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро дар худ нигоҳ надошт, вале назорати дороиро интиқол дод.

**Тағйир додани гардиши пулии дар шартнома пешбинишуда**

Дар ҳолатҳое, ки Ширкат ҷараёни пулии дар шартнома пешбинишударо аз рӯи дороии молиявӣ аз нав дида мебарояд ё тағйир медиҳад, Ширкат баҳо медиҳад, ки нисбат ба шартҳои ибтидоӣ то чӣ андоза тағйирот ба амал омадааст.

Агар шартҳо фарқияти назаррас дошта бошанд, Ширкат эътирофи дороии молиявии пештараро қатъ карда дороии молиявии навро бо баҳодиҳии одилона эътироф менамояд ва барои дороии молиявӣ меъёри фоизи самаранокро аз нав ҳисоб менамояд. Сана ҳангоми дубора дида баромадани бекурбашивӣ санаи азнавдидабароии шартҳо ба шумор меравад, аз ҷумла бо мақсади муайян намудани он, ки баландшавии назарраси хавфи қарзиро дорост ё не.



Scanned with CamScanner

Аммо Ширкат инчунин дороии молиявии эътирофшуда аз аввал бекурбшуда ҳисобида шуданашонро баҳо медиҳад, махсусан дар ҳолатҳое, ки азнавдидабарой бо он асоснок карда шуда буд, ки мизоҷ пардохти аз аввал маслиҳаткардашударо пардохт карда натавонист. Фарқияти арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

Агар шартҳо ба таври назаррас фарқ накунанд, бозбинӣ ё тағйирот ба қатъи эътирофи дороиҳо намебарад. Ширкат арзиши тавозуни умумиро бо назардошти ҷараёнҳои нави пулии тағйирёфта бо истифода аз меъёри аввалияи самараноки фоизӣ аз нав ҳисоб мекунад ва фоида ё зарарёро, ки дар натиҷаи тағйирот ба амал меояд, дар ҳисоботи фоида ва зарар эътироф менамояд.
Агар тағйирот ба афзоиши хатарҳои назаррас, тибқи усули ҳисоб кардани зарарҳои пулии интизорӣ, сабаб гардад, таъсири модификатсияи шартнома ба ҳисоб кардани арзиши ками арзиш мутобиқ ба усуле, ки дар Тавзеҳоти 33 пешниҳод шудааст, таъсир мерасонад.

*Гуруҳбандӣ ва баҳисобгирии минбаъдаи ӯҳдадориҳои молиявӣ*

Ширкат ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявиро ҳамчун ӯҳдадориҳои молиявии, ки пас аз он бо арзиши истеҳлокшуда арзёбӣ мешаванд, тасниф мекунад, ба истиснои:
а) Ӯҳдадории молиявии бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳододашаванда;Чунин ӯҳдадорӣ, бо ӯҳдадории воситаҳои маҳсулӣ буданашон, минбаъд бо арзиши одилони баҳо дода мешаванд;
б) ӯҳдадориҳои молиявие, ки дар ҳолате пайдо мешаванд, ки интиқоли дороии молиявӣ барои қатъ кардани эътирофкунӣ ё вақте ки омилҳои баҳисобгирии иштироки давомдор истифода мешавад, ба талаботҳо ҷавобгӯ нестанд;
в) шартномаи кафолати молиявӣ ва ӯҳдадориҳои пешниҳоди қарз бо меъёри фоизӣ аз меъёри бозорӣ паст бошад. Баъди эътирофи аввал чунин шартномаҳо бояд минбаъд аз бузургии зиёдтарини зерин баҳо дода шаванд:
   I. маблағи ташкил намудаи захираҳои Ширкат бо зарар баҳододашуда;
   II. маблағи аз аввал эътирофшуда бо тарҳи маблағи умумии даромад, агар ҷой дошта бошад;
г) ҷуброни шартӣ, ҳангоми якҷоя кардани тиҷорат эътироф кардани харидор. Ин шарти ҷуброн намудан минбаъд бо арзиши одилона баҳо дода шуда, тағйироти он дар фоида ва зарар эътироф карда мешаванд;

Ҳангоми эътирофи аввалини ӯҳдадории молиявӣ Ширкат метавонад бо хоҳиши худ бе ҳуқуқи баъдан азнавгуруҳбандӣ кардан, ҳамчун бо арзиши одилона баҳодиҳӣ тавассута фоида ва зарар гуруҳбандӣ кунанд.

*Ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тарафайн*

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии Ширкат ҳисоббаробаркунии тарафайн мешавад ва дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар ҳолате дар шакли пӯшида нишон дода мешаванд, агар барои ин асосҳои ҳуқуқӣ ва тарафҳо оид ба идоракунии холис (нетто) – асос ё дар як вақт фурухтан ва иҷрои ӯҳдадориро ният дошта бошанд.

*Аз эътибор соқит кардани ӯҳдадориҳои молиявӣ*

Ӯҳдадори молиявӣ (ё қисмати он) пардохт шуда ҳисобида мешавад, агар қарзгиранда:

*а) ё ӯҳдадориҳо (ё қисми онро) иҷро мекунад, маблағи ҷавобгӯ ба кредитор баргардонида мешавад, умуман бо пули накд, дигар дороиҳои молияви, молҳо ё хизматрасонӣ,*
*б) ё қарздор аз масъулаияти аввалаи худ нисбат ба ӯҳдадории молиявӣ (ё қисми он) озод мешавад, дар натиҷаи расмиёти ҳуқуқӣ ё қарори кредитор.*

Қатъи эътирофи Ӯҳдадори молиявӣ инчунин дар ҳолате, ки тағйироти назарраси ҷараёни пулии шартномавӣ рух медиҳад, ба амал меояд. Масалан, агар арзиши дисконтшудаи ҷараёни пулии мувофиқ бо шартҳои нав, ки шомили пардохти маоши комиссия ба кам кардани маоши комиссияи гирифташуда, бо истифода аз меъёри самараноки фоизии ибтидоӣ, кам аз 10% ба арзиши дисконтшудаи ҷараёни пулии боқимонда бо Ӯҳдадори молиявии ибтидоӣ фарқ кунад.

**Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо**

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо воситаҳои пулии хазина ва воситаҳои дар бонкҳо буда, сармоягузориҳои бозоргири кутоҳмуддатро дар бар мегиранд, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ озодона дар ҳаҷми марбута ба воситаҳои пулии накд табдил дода мешаванд.



Scanned with CamScanner

**Воситаҳо дар бонкҳо**

Дар рафти фаъолияти оддии худ Ширкат дар бонкҳо ба мӯҳлатҳои гуногун воситаҳо ҷойгир мекунад ва амонатҳо мегузорад. Воситаҳо дар бонкҳо дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона эътироф карда мешаванд. Воситаҳо дар бонкхо минбаъд дар асоси усули самараноки меъёри фоизӣ аз рӯи арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳо дар институтҳои қарзӣ бо назардошти аз ҳисоб баровардани ҳар гуна захира оиди зарари эҳтимолии қарзӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Воситаҳо асосӣ**

Мебел, таҷҳизоти идоравӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар воситаҳои асосӣ бо арзиши таърихӣ бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Биноҳо бо арзиши аз нав арзёбишуда, бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва/ё зарарҳои ҷамъшуда аз беқурбшавӣ дар сурати мавҷудияти онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Чунин арзиш арзиши харидорӣ ё сохтмони биноҳо ва хароҷот аз рӯи қарзҳоро дар сурати лоиҳаҳои сохтмонии дарозмуддат, агар меъёрҳои эътироф иҷро шуда бошанд, дар бар мегирад. Ҳангоми зарурати иваз намудани ҷузъҳои (компонентҳои) назарраси воситаҳои асосӣ пас аз фосилаҳои муайяни вақт, Ширкат эътирофи ҷузъи ивазшударо қатъ менамояд ва ҷузъҳои навро бо муҳлатҳои мувофиқи истифодаи судманд ва истеҳлок эътироф менамояд

Афзоиши арзиш дар натиҷаи аз нав арзёбӣ мустақиман дар сармоя, дар захираи аз нав арзёбии воситаҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ба истисноИ ҳолатҳое, ки он коҳиши қаблии арзишро аз рӯи дороии мазкур, ки дар натиҷаи аз нав арзёбӣ ба амал омада ва дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ эътироф шудааст, ҷуброн намояд, дар ин ҳолат афзоиш дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ эътироф карда мешавад. Коҳиши арзиш дар натиҷаи аз нав арзёбӣ дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ эътироф карда мешавад, ба истисноИ ҳолатҳое, ки он афзоиши қаблиро дар натиҷаи аз нав арзёбӣ, ки дар захираи аз нав арзёбии воситаҳои асосӣ эътироф шудааст, ҷуброн намояд.

Фарсудашавӣ ба арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ бо мақсади азҳисоббарии дороиҳо дар давоми муҳлати истифодаи судманди онҳо ҳисоб карда мешавад. Ҳисобкунии истеҳлок дар асоси усули мустақим (хаттӣ) бо истифодаи меъёрҳои истеҳлоки зерин амалӣ карда мешавад:

| | |
|---|---|
| Мебел | 10% |
| Таҷҳизоти идоравӣ | 10% |

Беҳтар кардани шароити иҷора дар тӯли мӯҳлати амволи дороиҳои ба иҷора гирифташуда истеҳлок карда мешавад. Хароҷоти марбут ба таъмир ва таъмири асосӣ ба ҳисоботи фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр ҳамчун хароҷоти амалиётӣ дар давраи ҳисобшуда ҳисоб карда мешаванд, агар онҳо ба талаботи капитализатсия мувофиқат накунанд.

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Ширкат месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст. Дар сурати аз арзиши барқороркунии худ афзун гардидани арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ Ширкат арзиши тавозунии воситаҳои асосиро то ба сатҳи арзиши барқароркунии онҳо кам мекунад. Баъди инъикоскунии зарар аз беқурбшавии ба миён омада, баровардҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ дар давраҳои минбаъда тасҳеҳ карда мешаванд, то ин ки арзиши тавозунии дороиҳо бо назардошти тарҳи арзиши боқимонда (агар он пешбинӣ карда шавад) тариқи баробар дар давоми мӯҳлати боқимондаи истифодабарии муфид тақсим карда шавад. Ҳангоми азҳисоббарии воситаҳои асосии аз нав арзёбишуда, маблағҳои мувофиқи онҳо, ки ба захираи аз нав арзёбии воситаҳои асосӣ дохил карда шудаанд, ба фоидаи тақсимнашуда гузаронида мешаванд.

**Иҷора**

Ширкат биноҳо ва офисҳоро ба иҷора мегирад. Шартномаҳои иҷора одатан барои мӯҳлати муайян баста мешаванд, вале имконияти тамдиди мӯҳлат доранд. Барои шартномае, ки ҷузъи иҷораро дар бар мегирад ё ба иҷора дохил намешавад, Ширкат баррасии шартномаро барои ҳар як ҷузъи иҷора дар асоси нархи нисбии амалиёти алоҳидаи қисмати иҷора ва нархи маҷмӯии амалиёти алоҳида барои ҷузъҳои иҷора ва гайри иҷора тақсим мекунад. Шартҳои иҷора дар алоҳидагӣ муҳокима карда мешаванд ва доираи васеи шартҳои гуногунро дар бар мегиранд. Амволи ба иҷора гирифташуда барои мақсадҳои қарз ба сифати гарав истифода шуда наметавонад.



Scanned with CamScanner

Иҷора ҳамчун дорой дар шакли ҳуқуқи истифода ва ухдадории мувофиқ аз рӯи иҷора дар санае, ки дороии ба иҷора гирифташуда барои истифода аз ҷониби Ширкат дастрас мебошад, эътироф карда мешавад. Дороиҳо ва ухдадориҳое, ки дар натиҷаи иҷора ба миён меоянд, дар аввал бо арзиши овардашуда (дисконтшуда) арзёбӣ карда мешаванд.

Ӯҳдадориҳои иҷора арзиши софи ҷории пардохтҳои зерини иҷораро дарбар мегиранд:

- пардохтҳои муқарраршуда (аз ҷумла пардохтҳои моҳиятан муқарраршуда), бо назардошти тарҳи дилхоҳ пардохтҳои ҳавасмандкунанда аз рӯи иҷора, барои қабул;
- пардохти тағйирёбандаи иҷора, ки ба индексатсия ё қурбе асос ёфтааст, ки бо истифодаи индексатсия ё қурби ибтидоӣ дар санаи оғоз баҳогузорӣ карда мешавад;
- маблағҳое, ки бояд дар сурати кафолати арзиши боқимонда аз ҷониби Ширкат пардохт шаванд;
- нархи истифодаи опсияи харид, агар Ширкат барои истифодаи он интихоби асоснок дошта бошад; ва
- пардохти ҷаримаҳо барои қатъ гардидани иҷора, агар мӯҳлати иҷора ба истифодаи ин опсияи Ширкат таъсир кунад.

Дар санаи оғози иҷора, Ширкат ӯҳдадории иҷораро ба арзиши ҳозираи пардохтҳои иҷора, ки то он сана ҳанӯз анҷом дода нашудаанд, баҳогузорӣ менамояд. Пардохтҳои иҷора бояд бо истифода аз фоизе, ки дар шартномаи иҷора пешбинӣ шудааст ва агар ин фоиз ба осонӣ муайяншаванда бошад, дисконт карда шаванд. Агар чунин фоиз ба осонӣ муайян карданаш имконнопазир бошад, ки чунин ҳолат одатан дар иҷораҳои басташуда аз ҷониби Ширкат мушоҳида мешавад, пас Ширкат бояд меъёри фоизро истифода барад, ки дар санаи оғози муносибатҳои иҷора, иҷорагир метавонист бо он барои муҳлати шабеҳ ва бо таъминоти шабеҳ маблағ ҷалб намояд, ки барои ба даст овардани дороие, ки арзишаш ба арзиши доро дар шакли ҳуқуқи истифода дар шароити иқтисодии шабеҳ баробар аст, зарур мебошад.

Барои муайян кардани меъёри фоизие, ки Ширкат дар доираи он метавонад воситаҳои қарзиро ҷалб намояд:

- аз рӯи имконият, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ, маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро, ки ба наздики гирифта шудааст, бо инъикос намудани тағйирот дар шароити маблағгузорӣ аз замони гирифтани маблағгузори аз тарафи сеюм, истофода мебарад;
- усули такмилдиҳиро истифода мебарад, ки аз меъёри фоизи бе хавф оғоз меёбад, ки барои хавфи қарзӣ барои иҷорае, ки дар ихтири Ширкате, ки сарчашмаи маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро надорад, оғоз меёбад; ва
- Тағйироти ба иҷора хосро, масалан, мӯҳлат, кишвар, асъор ва амният, ворид менамояд.

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ бо назардошти шартҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:

- андозаи арзёбии аввалияи ухдадорӣ аз рӯи иҷора;
- пардохтҳои иҷора дар санаи оғози иҷора ё то ин сана бо тарҳи пардохтҳои ҳавасмандкунандаи гирифташуда аз рӯи иҷора;
- ҳама гуна хароҷоти аввалияи мустақим, ки аз ҷониби иҷорагир ба амал омадаанд; ва
- арзёбии хароҷоте, ки аз ҷониби иҷорагир ҳангоми демонтаж ва ҷойивазкунии дороии асосӣ, инчунин барқарорсозии қитъа ба амал меоянд.

Ширкат ба эҳтимолияти зиёдшавии ояндаи пардохтҳои тағйирёбандаи иҷора дар асоси индекс ё меъёре, ки то ба амал омадан онҳо ба ӯҳдадориҳои иҷора дохил карда намешаванд, дучор мешавад. Ҳангоми ба амал омадани тасҳеҳот ба пардохтҳои иҷора дар асоси индексатсия ё меъёр, ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора баръакси дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ аз нав баҳогузорӣ карда мешаванд.

Пардохтҳои марбут ба иҷораи кӯтоҳмуддати бино, амволи ғайриманқул, таҷҳизот ва тамоми иҷораи дороиҳои камарзиш бо усули ростхата ҳамчун хароҷот дар фоида ё зарар эътироф мешаванд. Иҷораи кӯтоҳмуддат ин иҷора бо мӯҳлати 12 моҳ ё аз он камтар ва эҳтимолияти хеле ками дароз намудани мӯҳлати шартномаи иҷора мебошад.
Шартномаи иҷорае, ки опсиони харидро дар бар мегирад, иҷораи кӯтоҳмуддат намебошад..

**Андозбандӣ**

Андоз аз фоида маблағи андози ҷорӣ ва андози мавқуфгузоштаро дар бар мегирад.



Scanned with CamScanner

*Андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ*

Маблағи хароҷот барои андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ бо назардошти ҳаҷми фоидаи андозбандишавандае, ки дар давоми сол ба даст оварда шудааст, муайян карда мешавад. Фоидаи андозбандишаванда аз фоидаи софе, ки дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр инъикос гардидааст, фарқ мекунад, чунки он моддаи даромадҳо ё хароҷотеро, ки барои андозбандӣ ё хароҷот бо мақсади андозбандӣ дар солҳои дигар пешбинӣ шудааст, дар бар намегирад, инчунин моддаҳои андозбандинашавандаи бо мақсади андозбандӣ ба ҳисоб гирифтанашавадаро истисно мекунад. Ҳисобкунии хароҷоти Ширкат барои андоз аз фоида дар соли ҷорӣ бо истифода аз меъёри андоз, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ ворид карда шудааст, ба амал оварда мешавад.

*Андоз аз фоидаи мавқуфгузоштошуда*

Андози мавқуфгузоштошуда дар асоси усули баҳисобгирии тавозунӣ инъикос гардида, талабот ё ӯҳдадориҳоро оид ба андоз аз фоида ифода мекунад, ки он дар асоси фарқият байни арзиши тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва маълумотҳои марбутаи баҳисобгирии андозӣ, ки барои ҳисобкунии фоидаи андозбандишаванда истифода мегардад, ҳисоб карда мешавад. Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузоштошуда одатан дар нисбати тамоми фарқиятҳои замонӣ, ки фоидаи андозибандишавандаро афзун мегардонанд, инъикос меёбанд, талаботҳои мавқуфгузоштошудаи андозӣ бошанд, бо назардошти эҳтимолияти дар оянда ба миён омадани фоидаи андозбандишаванда барои ба ҳисоб гирифтани дороиҳои марбутаи андозӣ инъикос карда мешаванд. Чунин талаботу ӯҳдадориҳои андозӣ дар сурате дар ҳисоботи молиявӣ инъикос намегарданд, ки агар фарқиятҳои замонӣ бо обрӯву эътибори касбӣ вобаста буда, дар натиҷаи эътирофи аввалияи (ғайр аз муттаҳидшавии Ширкатҳо) талаботу ӯҳдадориҳои дигар дар чаҳорчӯбаи амалиётҳое, ки ба ҳаҷми фоидаи андозбандишаванда ё муҳосибӣ таъсир намерасонанд, ба миён омада бошанд.

Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузоштошуда бо назардошти фарқиятҳои замонии андозбандишаванда инъикос карда мешаванд, дар ин вақт Ширкат имконият пайдо мекунад, ки мӯҳлати бозгардонии фарқияти замониро назорат намояд ва эҳтимолияте пайдо мешавад, ки ин фарқияти замонӣ дарояндаи наздик тағйир намеёбад. Дороиҳои мавқуфгузоштошудаи андозие, ки дар натиҷаи бароварди фарқияти замонии бо ҳамин гуна сармоягузориву ҳиссаҳо вобастабуда ба миён меоянд, танҳо дар ҳаҷме, ки фоидаи кифояи андозбандишаванда ба даст омада метавонад, эътироф мегарданд, аз ҳисоби ин фоида имтиёзҳое, ки ба фарқияти замонӣ алоқамананд, истифода гардида, интизорӣ меравад, ки онҳо дарояндаи наздик бекор карда мешаванд.

Арзиши тавозунии дороиҳои андозии мавқуфгузоштошуда дар ҳар санаи ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, дар ҳаҷме, ки имконияти ба даст овардани фоидаро аз талаботи андозӣ, ки барои ҷуброни пурра ё ҷузъии дороӣ кифоя аст, истисно мекунад, кам карда мешавад.

Андозҳои мавқуфгузошта мувофиқи меъёрҳое ҳисоб карда мешаванд, ки интизор меравад дар давраи пардохти қарз ё фурӯши дороӣ татбиқ гарданд. Андозҳои мавқуфгузошта дар ҳисоботи фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр инъикос меёбанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки онҳо ба моддаҳое марбутанд, ки бевосита ба сармоя мансуб дониста мешаванд — дар ин ҳолат, андозҳои мавқуфгузошта низ дар таркиби сармоя инъикос меёбанд.

Ширкат баҳисобгирии мутақобилаи талаботҳои мавқуфгузоштошудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузоштошудаи андозиро ба амал оварда, дар ҳисоботи молиявӣ фарқияти натиҷавиро дар сурате инъикос менамояд, ки агар:

- Ширкат барои ба муқобили ӯҳдадориҳои ҷории андозӣ ба амал овардани баҳисобгирии талаботҳои ҷории андозӣ ҳуқуқи қонунӣ дорад; ва
- талаботҳои мавқуфгузоштошудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузоштошудаи андозӣ ба андоз аз фоида тааллуқ доранд, ки он аз ҷониби ҳамон як мақомоти андозӣ аз ҳамон як субъекти андозбандишаванда ситонида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти Ширкат ин ҷо сурат мегирад, талабот бобати ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳои гуногун мавҷуд аст, ки онҳо илова ба андоз аз фоида нисбати фаъолияти Ширкат истифода карда мешаванд.



Scanned with CamScanner

**Дороиҳо ва уҳдадориҳои шартӣ**

Дороии шартӣ дар ҳисоботи молиявии мазкур эътироф карда намешавад, аммо дар ҳолате, ки гирифтани нафъҳои иқтисодӣ имконпазир бошад, кушода дода мешавад. Уҳдадориҳои шартӣ дар ҳисоботи молиявии мазкур эътироф карда намешаванд. Онҳо танҳо дар ҳолате кушода дода мешаванд, ки агар бамиён омадани зарурат ба ягон хурӯҷи захираҳои дорои нафъҳои иқтисодӣ барои иҷрои ин уҳдадорӣ эҳтимолӣ бошад..

**Сармояи саҳомӣ**

Сармояи саҳомӣ аз руи арзиши ибтидоӣ эътироф карда мешаванд.

Ҳаққуссаҳмҳо ҳамчун камшавии воситаҳои худӣ дар даврае, ки онҳо эълон шуда буданд, инъикос карда мешаванд. Ҳаққуссаҳмҳое, ки пас аз давраи ҳисоботӣ эълон мешаванд, тибқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ» ба сифати ҳодиса пас аз давраи ҳисоботӣ баррасӣ карда мешаванд ва маълумот дар бораи онҳо ба таври марбута оварда мешавад.

**Ӯҳдадориҳои нафақавӣ**

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширкат маблағи пардохтҳои нафақавиро аз музди меҳнати кормандон бздошта, онҳоро ба фонди нафақавии давлатӣ мегузаронад. Низоми мавҷудаи таъминоти нафақавӣ ҳисобу китоби пардохтҳои ҷории кордиҳандаро ҳамчун фоиз аз пардохтҳои ҷории умумӣ ба кормандон пешбинӣ мекунад. Чунин хароҷот дар даврае, ки ба он пардохтҳои марбута ба кормандон тааллук доранд, эътироф карда мешаванд. Ҳангоми ба нафақа баромадан тамоми пардохтҳои нафақавӣ аз ҷониби фонди нафақавии дар боло ишорагардида ба амал оварда мешаванд. Ширкат ғайр аз иштирок дар низоми давлатии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ягон нақшаи иловагии таъминоти нафақавӣ надорад. Ғайр аз ин, Ширкат ба кормандон пас аз ба нафақа баромаданашон ягон имтиёз пешниҳод наменамояд ва ё имтиёзи назаррасе, ки пардохти маблағро талаб мекунад, надорад.

**Эътирофи даромадҳо ва хароҷот**

**Захираи зарарҳо**

Ҳангоми ташкили фондҳои захиравии суғуртавӣ Ширкат бо талаботи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №101 аз 23 декабри соли 2024 тасдиқ шудааст, роҳнамоӣ менамояд. Захираҳои суғуртавӣ алоҳида аз рӯи ҳар як намуди суғурта барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои қабулшуда ташкил карда мешаванд. Андозаҳои захираҳои суғуртавии ҳисобшуда мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарҳҳо барои мақсадҳои андозбандии фоида мансуб мебошанд. Ҳангоми гузаштани муҳлати амали шартномаҳо ё иҷрои онҳо, андозаҳои мувофиқи захираҳо барқарор карда мешаванд ва ҳамчун даромадҳо аз мукофотпулиҳои суғуртавии бадастовардашуда эътироф мегарданд

**Намудҳо ва тартиби ҳисобкунии захираҳои зарарҳо**

Ширкат барои таъмини устувории молиявӣ захираҳои ҳатмии зеринро ташкил менамояд:

- Захира барои ҳолатҳои фавқулода (ЗҲФ): Ҳар сол дар андозаи 5,0% аз мукофоти суғуртавии аз рӯи намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ташкил карда мешавад. Ин захира барои пӯшонидани зарарҳои калони ғайричашмдошт аз рӯи шумораи зиёди шартномаҳо пешбинӣ шудааст.
- Захираи тадбирҳои пешгирикунанда (ЗДП): Дар андозаи на камтар аз 1% ва на бештар аз 3% аз аз мукофоти суғуртавӣ ташкил карда мешавад. Воситаҳои захира таъиноти мақсаднок доранд ва танҳо барои маблағгузории тадбирҳо оид ба пешгирии ба амал омадани ҳолатҳои суғуртавӣ, ҳодисаҳои нохуш ва вайроншавии молу мулк истифода мешаванд.
- Захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда (ЗЗАП): Аз рӯи ҳар як даъвои (претензияи) арзшуда, ки аз рӯи он пардохт ҳанӯз амалӣ нашудааст ё на ба андозаи пурра амалӣ шудааст, ҳисоб карда мешавад. Андозаи ЗЗАП инҳоро дар бар мегирад:
    - Андозаи ҷубронпулиҳои суғуртавии бояд пардохтшаванда.
    - Хароҷоте, ки бевосита бо танзим ва муайян кардани андозаи зарар вобастаанд. Агар меъёри дақиқи пардохт муайян нашуда бошад, андозаи ҳадди аксари имконпазир, ки аз маблағи суғуртавӣ зиёд нест, қабул карда мешавад.



Scanned with CamScanner

- Захираи зарарҳои баамаломада, вале арзнашуда (ЗЗБА): Ӯҳдадориҳоро аз рӯи ҳолатҳои суғуртавие, ки аллакай ба амал омадаанд, вале дар бораи онҳо дар санаи ҳисобкунӣ ба Ширкат арз нашудааст, муайян менамояд. Ҳисобкунӣ дар асоси усулҳои актуарӣ аз рӯи ҳар як гурӯҳи суғурта амалӣ карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани омори (статистикаи) кофии хусусӣ, андозаи ЗЗБА дар андозаи на камтар аз 50% аз андозаи ЗЗАП муқаррар карда мешавад

**Санҷиши мувофиқати уҳдадориҳо**

Ба ҳар як санаи ҳисоботӣ Ширкат мувофиқати уҳдадориҳои суғуртавиро бо истифода аз арзёбиҳои ҷории ҷараёнҳоиояндаи воситаҳои пулӣ дар доираи шартномаҳои суғуртавии худ баҳо медиҳад. Агар чунин арзёбӣ нишон диҳад, ки арзиши тавозунии уҳдадориҳои Ширкат аз рӯи суғурта ба ҷараёнҳоиояндаи пешбинишудаи воситаҳои пулӣ мувофиқат намекунад, пас ин инҳироф бояд дар ҳисобот дар бораи фоида ва зарар ва дигар даромади умумӣ дар ҳайати хароҷотҳо оид ба ташкили захираҳо аз рӯи зарарҳо эътироф карда шавад.

**Даромадҳо аз фаъолияти суғуртавӣ**

Даромад аз фаъолияти суғуртавӣ мукофотпулиҳои соф аз рӯи суғурта ва комиссияҳои дар натиҷаи азнавсуғуртакунӣ нигоҳдошташударо бо тарҳи тағйирёбии соф дар захираҳо аз рӯи мукофотпулиҳои бадастоварданашуда, пардохтҳои суғуртавӣ, тағйирёбии соф дар захираи зарарҳо ва арзиши харидории полиси суғуртавӣ дар бар мегирад.

Мукофотпулиҳои софи суғуртавӣ мукофотпулиҳои умумиро бо тарҳи мукофотпулиҳои ба азнавсуғуртакунӣ додашуда ифода мекунанд. Ҳангоми бастани шартнома мукофотпулиҳо дар андозаи дар полис зикршуда ба ҳисоб гирифта мешаванд ва ба даромадҳо дар асоси мутаносиб дар давоми давраи амали шартномаи суғуртавӣ мансуб дониста мешаванд. Захираҳо аз рӯи мукофотпулиҳои бадастоварданашуда қисми мукофотпулиҳоеро ифода мекунанд, ки ба мӯҳлати нагузаштаи шартномаи суғуртавӣ дахл доранд ва ба уҳдадориҳо дар ҳисобот дар бораи вазъи молиявӣ дохил карда мешаванд.

Зарарҳо ва хароҷотҳо аз рӯи тасҳеҳи захираҳо дар ҳисобот дар бораи фоида ва зарар ва дигар даромади умумӣ вобаста ба бамиён омадан ҳангоми аз нав арзёбии захираҳо барои зарарҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявӣ**

Дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ ҳисоббаробар карда мешаванд ва дар тавозун андозаи бақия монда инъикос мегардад, вақте ки Ширкат ҳуқуқи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкамшударо барои анҷом додани ҳисоббаробаркунии андозаҳои дар тавозун эътирофшуда дорад ва ният дорад, ки ё ҳисоббаробаркуниро аз рӯи андозаи салдошуда анҷом диҳад, ё дороиро фурӯхта ва уҳдадориро ҳамзамон иҷро намояд. Дар сурати додани дороии молиявӣ, ки ҳамчун азҳисоббарӣ квалификатсия намешавад, Ширкат ин амалиётро ҳамчун азҳисоббарии дороиҳои додашуда ва уҳдадориҳои ба он дахлдошта эътироф намекунад.

**Соҳаи истифодаи назарраси баҳогузорӣ ва фарзияҳои роҳбарият**

Таҳияи ҳисоботи молиявӣ аз роҳбарияти Ширкат талаб мекунад, ки баҳодиҳиҳо ва фарзияҳоро таҳия намояд, ки ба маблағҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ширкат, ки дар ҳисобот инъикос шудаанд, ошкорсозии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои шартӣ дар санаи ҳисоботдиҳӣ, инчунин ба маблағҳои даромад ва хароҷоти давраи ҳисоботӣ таъсир мерасонанд. Роҳбарияти Ширкат баҳодиҳӣ ва фарзияҳоро пайваста дар асоси таҷрибаи қаблӣ ва як қатор омилҳои дигар, ки дар шароити ҷорӣ оқилона ҳисобида мешаванд, анҷом медиҳад. Натиҷаҳои воқеӣ метавонанд аз баҳодиҳиҳои мазкур фарқ дошта бошанд. Баҳодиҳиҳо ва фарзияҳои зерин барои инъикоси вазъи молиявии Ширкат муҳиму зарурӣ ба ҳисоб мераванд.

*Иҷора*

Ду соҳаи асосии доварӣ дар робита ба баҳогузории миқдории дорои дар шакли ҳуқуқи истифода (ДШҲИ) аз объекти иҷора ва ӯҳдадории иҷора муайян кардани мӯҳлати иҷора ва меъёри тахфиф мебошанд.



Scanned with CamScanner

*Муайян намудани мӯҳлати иҷора*

Интизориҳои Ширкат нисбат ба интихоби қарор оид ба дароз кардани муҳлати иҷора бо роҳи арзёбии дараҷаи «эътимоди кофӣ»-и Ширкат ба қарори дароз кардан муайян карда мешаванд. Ширкат танҳо дар он ҳолат эътимоди кофӣ ба қарори дароз кардани муҳлати иҷора хоҳад дошт, ки омилҳо ангезаи иқтисодии назаррасе барои ин амал фароҳам оваранд. Ин арзёбӣ сатҳи баланди доввариро талаб мекунад, зеро он бар асоси интизориҳои феълӣ дар бораи қарорҳои оянда асос ёфтааст.

Муҳлати иҷора ба ҳисобкунии ДШҲИ ва ӯҳдадории иҷора таъсир мерасонад; ҳар қадар муҳлати иҷора дарозтар бошад, ҳамон қадар арзиши ДШҲИ ва ӯҳдадории марбут ба иҷора бештар хоҳад буд. Тағйирот дар муҳити иқтисодӣ метавонанд ба арзёбии муҳлатҳои иҷора аз ҷониби Ширкат таъсир расонанд ва ҳар гуна тағйирот дар арзёбии муҳлати иҷора метавонад ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ширкат вобаста ба ДШҲИ ва ӯҳдадории иҷора таъсири ҷиддӣ расонад.

*Меъёри дисконт*

Дар санаи оғози шартномаи иҷора Ширкат вазифаи иҷораро бо арзиши ҳозираи пардохтҳоиояндаи иҷора, ки бо истифода аз фоизии сармояи ҷалбшудаи иловагӣ бо тарзи дисконтинг арзёбӣ мешавад, баҳогузорӣ мекунад. Ширкат як қатор омилҳоро барои муайян кардани ставки мувофиқи дисконтинг ба назар мегирад. Ба онҳо хатарҳои қарзии Ширкат, муҳлати эътибори шартномаи иҷора, муҳити иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофии маҳали баста шудани шартномаи иҷора шомил мешаванд.

**Татбиқи стандартҳои байналмилалии нави ва таҷдидшудаи ҳисоботи молиявӣ**

Ширкат стандартҳои нави ё таҷдидшуда ва тафсирҳои зеринро, ки аз ҷониби Кумита оид ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва Кумита оид ба тафсири Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд — «КТСБҲМ») нашр шудаанд, татбиқ менамояд. Ин стандартҳо ва тафсирҳо нисбат ба ҳисоботи молиявии солонаи Ширкат барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст, эътибор пайдо кардаанд:

- Тағйирот ба СБҲМ (IAS) 21 "Таъсири тағйирёбии қурбҳои асъор" (набудани имконияти мубодилаи асъор), ки тартиби муайян намудани он, ки оё асъор қобили мубодила мебошад ё не, инчунин талаботро оид ба муайян кардани қурби мубодила ва ифшои маълумот дар ҳолатҳое, ки мубодилаи асъор ғайриимкон ё ба таври назаррас маҳдуд аст, мушаххас менамоянд. Ин тағйирот ба таъмини инъикоси бештар пайдарпай ва шаффофи амалиёт ва бақияҳое, ки дар асъори хориҷӣ ифода шудаанд, равона гардидаанд.

Ин стандартҳо ва тағйиротҳо ба мавқеи молиявии муттаҳида ва натиҷаҳои фаъолияти Ширкат таъсири моддӣ (моддави) намерасонанд.

**СБҲМ-ҳои нав ва аз нав дида баромадашуда - нашр шудаанд, вале ҳанӯз эътибор надоранд**

Як қатор стандартҳои нав, ислоҳот ба стандартҳо ва тафсирҳо то 31 декабри соли 2025, ки то ҳол эътибор надоранд ва ҳангоми таҳияи ин ҳисоботи молиявӣ татбиқ карда нашудаанд. Аз ин навовариҳо, стандартҳо ва иловаҳои зерин метавонанд ба фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии Ширкат таъсир расонанд. Ширкат ба нақша гирифтааст, ки татбиқи ин стандартҳо ва иловаҳоро аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани онҳо оғоз намояд. Ширкат то ҳол таъсири эҳтимолии стандартҳои навро ба маълумоти ҳисоботи молиявӣ таҳлил накардааст.

Дар санаи тасдиқи ин ҳисоботи молиявӣ стандартҳо ва тафсирҳои нави зерин, ки Ташкилот пеш аз вақт қабул накардааст, нашр шудаанд, вале ҳанӯз эътибор надоранд:

- СБҲМ (IFRS) 18 "Пешниҳод ва ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявӣ", ки СБҲМ (IAS) 1-ро иваз намуда, талаботи навро ба сохтори ҳисоботҳо, гурӯҳбандии даромадҳо ва хароҷотҳо, инчунин талаботи васеъшуда оид ба ифшои маълумот ҷорӣ менамояд. Стандарт барои давраҳои солонае, ки аз 1 январи соли 2027 ё баъд аз он оғоз мегарданд, мавриди амал қарор мегирад.
- Тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 9 "Асбобҳои молиявӣ" ва СБҲМ (IFRS) 7 "Асбобҳои молиявӣ: ифшои маълумот", ки ба бозгурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ, баҳодиҳӣ ва ифшои маълумот дахл доранд, махсусан дар қисмати моделҳои тиҷоратӣ ва ҷараёнҳои пулӣ, ва асосан ба татбиқи СБҲМ 9 ва такмил додани талаботи СБҲМ 7 оид ба ифшои маълумот дар бораи хавфҳо равона шудаанд, то мутобиқат таъмин гардида, мазмуни воқеии иқтисодии муомилот инъикос ёбад ва ширкатҳо ба баҳисобгирии босифат ва шаффофтар роҳнамоӣ шаванд.
- Тағйирот ба СБҲМ (IFRS) 9 "Асбобҳои молиявӣ" ва СБҲМ (IFRS) 7 "Асбобҳои молиявӣ: ифшои маълумот" Шартномаҳо оид ба таъминот бо нерӯи барқ аз манбаъҳои табиӣ, ки мафҳуми шартномаҳои таъминот бо нерӯи барқ аз манбаъҳои табиӣ ва тартиби татбиқи талаботи



Scanned with CamScanner

«истифода барои эҳтиёҷоти худӣ» дар СБҲМ (IFRS) 9-ро равшан мекунанд, инчунин талаботро оид ба баҳисобгирии ҳеджинг тағйир медиҳанд, аз ҷумла иҷозат медиҳанд, ки миқёси номиналии тағйирёбандаи амалиётҳои интизоршуда бо неруи барқ, ки бо миқёси тағйирёбандаи интизоршудаи истеҳсоли манбаъҳои табиӣ мувофиқат мекунад, ҳамчун маводи ҳеджингшаванда муайян карда шавад. Тағйирот барои давраҳои солонаи ҳисоботӣ, ки аз 1 январи соли 2026 ё баъд аз он оғоз мегарданд, мавриди амал қарор мегиранд; татбиқи пешакӣ низ иҷозат дода мешавад.

- Такмилҳои солона оид ба стандартҳои бухгалтерии СБҲМ, нашри 11, ки як қатор равшанкуниҳоро ба СБҲМ (IFRS) 1 "Истифодаи аввалин СБҲМ", СБҲМ (IFRS) 7 "Асбобҳои молиявӣ: ифшои маълумот", СБҲМ (IFRS) 9 "Асбобҳои молиявӣ", СБҲМ (IFRS) 10 "Ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда" ва СБҲМ (IAS) 7 "Ҳисоботи ҷараёни нақд" дарбар мегиранд, ки ба бартараф намудани нофаҳмиҳо ва баланд бардоштани мутобиқати татбиқи стандартҳо равона шудаанд. Ин тағйирот барои давраҳои солонаи ҳисоботӣ, ки аз 1 январи соли 2026 ё баъд аз он оғоз мегарданд, мавриди амал қарор мегиранд.
- Ҷорӣ намудани СБҲМ (IFRS) 19 "Ширкатҳои фаръӣ бе ҳисоботи оммавӣ: ифшои маълумот". Бино ба ин стандарт, ширкатҳои фаръие, ки ба меъёрҳои муайян мувофиқат мекунанд, метавонанд талаботи соддатаршудаи ифшои маълумотро дар ҳисоботи молиявӣ татбиқ намоянд. Стандарт барои давраҳои солонае, ки аз 1 январи соли 2027 ё баъд аз он оғоз мегарданд, мавриди амал қарор мегирад.

Ширкат ният дорад, ки ин стандартҳо ва иловаҳои навро аз санаи эътибори онҳо татбиқ намояд.

## 4. САРЧАШМАҲОИ КАЛИДИИ АРЗЁБИИ НОМУАЙЯНӢ

Дар ҷараёни татбиқи сиёсати баҳисобгирии Ширкат, ки дар Тавзеҳоти 3 тасвир ёфтааст, роҳбарият бояд арзёбиҳо ва фарзияҳоро нисбат ба арзиши тавозунии дороиҳо ва уҳдадориҳое, ки аз сарчашмаҳои дигар маълум нестанд, истифода барад. Арзёбиҳо ва фарзияҳои бо онҳо вобаста ба таҷрибаи таърихӣ ва дигар омилҳое, ки қобили қабул дониста мешаванд, асос ёфтаанд. Натиҷаҳои воқеӣ метавонанд аз ин арзёбиҳо фарқ кунанд.

Арзёбиҳо ва фарзияҳои дар асоси онҳо қарордошта мунтазам санҷида мешаванд. Тағйиротҳо дар арзёбиҳои муҳосибӣ дар даврае, ки арзёбӣ таҷдид мегардад, эътироф карда мешаванд, агар тағйирот танҳо ба ҳамон давра таъсир расонад, ё дар давраи тағйирот ва давраҳои оянда, агар тағйирот ҳам ба давраи ҷорӣ ва ҳам ба давраҳои оянда таъсир расонад.

Дар зер фарзияҳои калидӣ оид ба оянда ва дигар сарчашмаҳои калидии арзёбии номуайянӣ дар санаи тавозун оварда мешаванд, ки хавфи назарраси тасҳеҳи ҷиддии арзиши тавозунии дороиҳо ва уҳдадориҳоро дар соли молиявии навбатӣ доранд

### Захираи зараҳо

Муайян намудани захираҳо аз рӯи зарарҳо аз ҷониби роҳбарият татбиқи фарзияҳоро дар асоси арзёбиҳои беҳтарини қобилияти Ширкат барои фурӯхтани (амалӣ намудани) дороиҳои мазкур талаб менамояд. Дар натиҷаи тағйиротҳои умумӣ дар иқтисодиёт ё дигар ҳолатҳои шабеҳ пас аз санаи тавозун, роҳбарият метавонад хулосаҳое барорад, ки метавонанд аз хулосаҳои ҳангоми омода намудани ҳисоботи молиявии мазкур баровардашуда фарқ кунанд.

### Самтҳои истифодаи назарраси арзёбиҳо ва фарзияҳои роҳбарият

Омода намудани ҳисоботи молиявӣ аз роҳбарияти Ширкат таҳияи арзёбиҳо ва фарзияҳоеро талаб менамояд, ки ба андозаҳои дар ҳисобот овардашудаи дороиҳо ва уҳдадориҳои Ширкат, кушода додани дороиҳо ва уҳдадориҳои шартӣ ба ҳолати санаи ҳисоботӣ ва андозаҳои дар ҳисобот овардашудаи даромадҳо ва хароҷот дар давраи ҳисоботӣ таъсир мерасонанд. Роҳбарияти Ширкат арзёбиҳо ва фарзияҳоро ба таври доимӣ, дар асоси таҷрибаи қаблӣ ва як қатор омилҳои дигар, ки дар шароитҳои ҷорӣ оқилона меҳисобад, анҷом медиҳад. Натиҷаҳои воқеӣ метавонанд аз ин арзёбиҳо фарқ кунанд. Арзёбиҳо ва фарзияҳои зерин барои пешниҳоди вазъи молиявии Ширкат муҳим ҳисобида мешаванд.



Scanned with CamScanner

## 5. ТАҲЛИЛИ МУКОФОТПУЛИҲО ВА ЗАРАРҲО

Таҳлили натиҷаи фаъолият аз рӯи суғурта ва азнавсуғуртакунии Ширкат барои солҳое, ки 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 ба анҷом ёфтаанд ба таври зерин пешниҳод шудааст:

| | Суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои наклиёт | Суғуртакунии воситаҳои наклиёт | Суғуртакунии зарарҳо аз талаф додани молу мулки махсус | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|---|
| Мукофоти суғурта, маблағи умумӣ | 39,681 | 35,055 | 7,942 | 82,678 |
| Тағйирёбии захираи талафот | (4,611) | (3,565) | (906) | (9,082) |
| Андозаи софи мукофотпулиҳои суғуртавӣ | 35,070 | 31,490 | 7,036 | 73,596 |
| Тағйирёбии захираи мукофоти ба даст оварданашуда | (2,455) | (5,072) | 11 | (7,516) |
| Андозаи софи мукофотпулиҳои суғуртавии бадастовардашуда | 32,615 | 26,418 | 7,047 | 66,080 |
| Пардохтҳои суғуртавӣ | - | (512) | (6) | (518) |
| Мукофоти комиссионӣ барои дилерҳо | (1,068) | (1,211) | (686) | (2,966) |
| Натиҷа аз фаъолияти суғуртавӣ | 31,547 | 24,695 | 6,355 | 62,596 |

| | Суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои наклиёт | Суғуртакунии воситаҳои наклиёт | Суғуртакунии зарарҳо аз талаф додани молу мулки махсус | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|---|
| Мукофоти суғурта, маблағи умумӣ | 31,367 | 22,155 | 7,155 | 60,677 |
| Тағйирёбии захираи талафот | (939) | (664) | (215) | (1,818) |
| Андозаи софи мукофотпулиҳои суғуртавӣ | 30,428 | 21,491 | 6,940 | 58,859 |
| Тағйирёбии захираи мукофоти ба даст оварданашуда | (831) | (90) | (328) | (1,249) |
| Андозаи софи мукофотпулиҳои суғуртавии бадастовардашуда | 29,597 | 21,401 | 6,612 | 57,610 |
| Пардохтҳои суғуртавӣ | (37) | (384) | (5) | (426) |
| Мукофоти комиссионӣ барои дилерҳо | (885) | (1,032) | (618) | (2,535) |
| Натиҷа аз фаъолияти суғуртавӣ | 28,675 | 19,985 | 5,989 | 54,649 |

* Ҳаққи хизмати комиссионӣ барои дилерҳо иборат аз ҳаққи хизмат барои фурӯши полисҳои суғуртакунӣ мебошад.

Ҳамаи полисҳои суғуртакунӣ мӯҳлати то як сол доранд.



Scanned with CamScanner

## 6. ЗАРАР АЗ АМАЛИЁТИ АСЪОРИ ХОРИҶӢ

Зарари соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ дар Ширкат барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Амалиётҳо оид ба хариду фурӯш, холис | 1,192 | - |
| Фарқиятҳои қурбӣ, холис | (787) | - |
| | 405 | - |

## 7. ХАРОҶОТҲОИ АМАЛИЁТӢ

Хароҷотҳои амалиётии Ширкат барои барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Хизматрасониҳои машваратӣ | 5,224 | 4,051 |
| Аз эътибор соқит кардани захираҳои моддию молӣ | 1,168 | 843 |
| Хизматрасонии бонкӣ | 1,069 | 431 |
| Музди меҳнат | 232 | 212 |
| Фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 46 | 42 |
| Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода | 20 | 49 |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 17 | 17 |
| Алоқа | 16 | 14 |
| Ҷарима ва боҷҳо | 4 | 1 |
| Хизматрасониҳои коммуналӣ | 3 | 7 |
| Лавозимоти канселярӣ | 2 | 94 |
| Хароҷотҳо барои таблиғ (реклама) | 2 | 25 |
| Тағйирёбии захира барои рухсатиҳои истифоданашуда | - | 2 |
| Барқароросозии захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ оид ба воситаҳои пулӣ | (66) | (694) |
| Дигарҳо | 846 | 723 |
| | 8,583 | 5,817 |

## 8. ХАРОҶОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

Ширкат андозҳоро барои давраи ҷорӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии андоз, ки он мутобиқи талаботи қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад, ҳисоб мекунад. Қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фарқ карда метавонад. Барои 31 декабри соли 2025 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз аз фоида барои шахсони ҳуқуқӣ 18%-ро ташкил намуд

Вобаста ба он, ки баъзе намудҳои хароҷот барои мақсадҳои андозбандӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва бо сабаби мавҷудияти даромадҳои андозбандинашаванда Ширкат бо фарқиятҳои доимии андозии муайян рӯ ба рӯ мегардад.

Андози мавқуф гузошташуда самараи софи андозбандиро аз фарқиятҳои замонӣ байни арзиши ҳисобии дороиҳову ӯҳдадориҳои ба ҳисоботдиҳии молиявӣ вобаста ва маблағе, ки бо мақсади андозбандӣ муайян карда мешавад, инъикос менамояд.



Scanned with CamScanner

Фарқиятхои замоние, ки ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 мавҷуд буданд, асосан ба усулҳои гуногуни баҳисобгирии даромаду хароҷот, инчунин арзиши ҳисобии баъзе дороиҳо вобаста аст:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Хароҷоти андози ҷорӣ аз фоида | 9,572 | 8,650 |
| Ҳисобкунии хароҷотҳо аз рӯи андози мавқуфгузошташуда аз фоида | 13 | 124 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 9,585 | 8,774 |

Таносуби байни хароҷот барои пардохти андозҳо ва фоида тибқи ҳисоботи муҳосибӣ барои солҳои анҷомёфта 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 чунин пешниҳод шудааст:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Меъери самаранокии андоз | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст. | Меъери самаранокии андоз |
|---|---|---|---|---|
| Фоида то андозбандӣ | 53,597 | | 48,813 | |
| Андоз аз рӯи меъёри муқарраршуда | 9,647 | 18% | 8,786 | 18% |
| Таъсири андоз аз фарқиятҳои доимӣ | (62) | 0% | (12) | 0% |
| Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида | 9,585 | 18% | 8,774 | 18% |

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **Дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида:** | | |
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ оид ба воситаҳои пулӣ | 818 | 884 |
| Ӯҳдадории иҷора | 48 | 35 |
| Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда | 14 | 14 |
| Ҳамагӣ дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида | 880 | 933 |
| **Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз фоида:** | | |
| Дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода | 40 | 21 |
| Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида | 40 | 21 |
| Дороиҳои софи ба таъхир гузошташудаи андоз | 840 | 912 |
| Дороиҳои софи ба таъхир гузошташудаи андоз (бо меъери муқарраршудаи 18%) | 151 | 164 |



Scanned with CamScanner

Фарқиятҳои муваққатии байни баҳисобгирии андоз ва ин ҳисоботи молиявӣ ӯҳдадориҳои андози батаъхиргузоришуда барои 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дар натиҷаи зеринро ба вуҷуд меоранд:

| | 31 декабри с. 2024 | Дар ҳисобот оиди даромади муштарак эътироф шудааст | Дар сармоя эътироф карда шудааст | 31 декабри с. 2025 |
|---|---|---|---|---|
| **Фарқиятҳои муваққатӣ:** | | | | |
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ оид ба воситаҳои пулӣ | 159 | (12) | - | 147 |
| Ӯҳдадории иҷора | 6 | 3 | - | 9 |
| Захираи рухсатии истифоданашуда | 3 | - | - | 3 |
| Доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода | (4) | (3) | - | (7) |
| | 164 | (12) | - | 152 |

| | 31 декабри с. 2023 | Дар ҳисобот оиди даромади муштарак эътироф шудааст | Дар сармоя эътироф карда шудааст | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|---|---|
| **Фарқиятҳои муваққатӣ:** | | | | |
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ оид ба воситаҳои пулӣ | 284 | (125) | - | 159 |
| Ӯҳдадории иҷора | 10 | (4) | - | 6 |
| Захираи рухсатии истифоданашуда | 2 | 1 | - | 3 |
| Доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода | (8) | 4 | - | (4) |
| | 288 | (124) | - | 164 |

## 9. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пешниҳод гардидаанд, фарогири ҷузъҳои зерин ҳастанд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 9 | 42 |
| Воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби бонкӣ | 115,993 | 49,732 |
| Бо тарҳи захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ | (818) | (884) |
| | 115,184 | 48,890 |

Ҳамаи воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкии Ширкат дар ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон» ҷойгир карда шудаанд".



Scanned with CamScanner

## 10. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои асосии Ширкат ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| | Таҷҳизоти идоравӣ | Мебел | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **Арзиши ибтидоӣ** | | | |
| 31 декабри с. 2023 | 100 | 70 | 170 |
| Воридот | - | - | - |
| 31 декабри с. 2024 | 100 | 70 | 170 |
| Воридот | - | - | - |
| 31 декабри с. 2025 | 100 | 70 | 170 |
| **Истеҳлоки ҷамъшуда** | | | |
| 31 декабри с. 2023 | 30 | 17 | 47 |
| Дар давоми сол ҳисоб карда шуд | 10 | 7 | 17 |
| 31 декабри с. 2024 | 40 | 24 | 64 |
| Дар давоми сол ҳисоб карда шуд | 10 | 7 | 17 |
| 31 декабри с. 2025 | 50 | 31 | 81 |
| **Арзиши холиси тавозунӣ** | | | |
| Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 | 70 | 53 | 123 |
| Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 | 60 | 46 | 106 |
| Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 | 50 | 39 | 89 |

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 2024 восита асосӣ ба сифати грант гирифта нашуданд.

## 11. ИҶОРА

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора ба тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ** | | |
| Биноҳо | 40 | 21 |
| | 40 | 21 |

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **Ӯҳдадориҳои иҷора** | | |
| Ҷорӣ | 26 | 35 |
| Дарозмуддат | 22 | - |
| | 48 | 35 |

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ** | | |
| Биноҳо | 249 | 140 |
| | 249 | 140 |



Scanned with CamScanner

| | Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | Ӯҳдадории иҷора |
|---|---|---|
| 31 декабри с. 2023 | 45 | 56 |
| Дохилшавӣ | 37 | 37 |
| Аз эътибор соқит кардан | (12) | (16) |
| Хароҷоти истеҳлок | (49) | - |
| Хароҷот аз рӯи фоизҳо | - | 19 |
| Пардохтҳо | - | (61) |
| 31 декабри с. 2024 | 21 | 35 |
| Дохилшавӣ | 39 | 39 |
| Аз эътибор соқит кардан | - | - |
| Хароҷоти истеҳлок | (20) | - |
| Хароҷот аз рӯи фоизҳо | - | 17 |
| Пардохтҳо | - | (43) |
| 31 декабри с. 2025 | 40 | 48 |

## 12. ДИГАР ДОРОИҲО

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 дигар дороиҳои Ширкат танҳо аз дороиҳои ғайримолиявӣ иборат буданд ва ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| Захираҳои моддию молӣ | 371 | 1,060 |
| Пешпардохт аз рӯи дигар андозҳо | 4 | 13 |
| Дигар қарзҳои дебиторӣ | - | 240 |
| Дигар | 25 | 1 |
| | 400 | 1,314 |

## 13. АНДОЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 андозҳои супоридашаванда ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| Андоз аз фоида | 356 | 493 |
| Андози иҷтимоӣ | 3 | 10 |
| | 359 | 503 |

## 14. ЗАХИРА БАРОИ ПӮШОНИДАНИ ЗАРАР

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 захира барои пӯшонидани зарар ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| Ба ҳолати 1 январ | 5,770 | 3,951 |
| Ташаккулёби | 9,082 | 1,818 |
| Ба ҳолати 31 декабр | 14,852 | 5,770 |



Scanned with CamScanner

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 Захира барои пӯшонидани зарарҳо маҷмӯи фондҳои захиравии ҳатмиро дар бар мегирад, ки мувофиқи Тартиби БМТ №101 аз 23.12.2024 ташаккул дода мешаванд:

- **Захира барои ҳолатҳои фавқулода (ЗҲФ):** Ҳар сол ба андозаи 5,0% аз мукофоти суғуртавии аз рӯи намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ташаккул дода мешавад.
- **Захираи тадбирҳои пешгирикунанда (ЗДП):** Ба андозаи **на камтар аз 1% ва на бештар аз 3%** аз мукофоти суғуртавӣ ташаккул дода мешавад.
- **Захираи зарарҳои арзшуда, вале пардохтнашуда (ЗЗАП):** Ӯҳдадориҳоро аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавие ифода менамояд, ки дар бораи онҳо то санаи ҳисобкунӣ хабар дода шудааст, вале аз рӯи онҳо пардохтҳо анҷом дода нашудаанд ва ё қисман анҷом дода шудаанд. Арзёбии ЗЗАП маблағи пардохтҳои эҳтимолӣ ва хароҷоти марбут ба танзими даъвоҳоро дар бар мегирад.
- **Захираи зарарҳои бамаломада, вале арзнашуда (ЗЗБА):** Ӯҳдадориҳоро аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавие инъикос менамояд, ки дар давраи ҳисоботӣ ба амал омадаанд, вале маълумот дар бораи онҳо ҳанӯз ба Ширкат ворид нашудааст. Бо назардошти он ки бозори суғуртаи Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва омори ҷамъшуда аз рӯи классҳои алоҳидаи суғурта барои таҳлили пурраи актуарӣ метавонад нокифоя бошад, андозаи ЗЗБА **на камтар аз 50,0% аз маблағи ЗЗАП** муқаррар карда мешавад.

Ҳисобкунии захираҳои суғуртавӣ дар асоси мукофоти суғуртавии заминавӣ сурат мегирад, ки он ҳамчун мукофоти суғуртавӣ **бо тарҳи** мукофотпулии комиссионӣ ба миёнаравҳо (на бештар аз 25%), **ҷудокуниҳо** ба ЗҲФ ва ЗДП муайян карда мешавад. Захираҳо дисконт карда намешаванд ва эътирофи захираҳо танҳо пас аз анҷоми мӯҳлати амал, иҷрои пурра ё қатъ гардидани шартномаҳои суғуртавӣ қатъ карда мешавад.

## 15. ЗАХИРАИ МУКОФОТИ БА ДАСТ ОВАРДАНАШУДА

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 захираи мукофоти ба даст оварданашуда ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Ба ҳолати 1 январ | 30,019 | 28,770 |
| Тағйирот дар захираи мукофотҳои ба даст оварданашуда | 7,516 | 1,249 |
| Ба ҳолати 31 декабр | 37,535 | 30,019 |

## 16. ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дигар ӯҳдадориҳои Ширкат ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **Дигар уҳдадориҳои молиявӣ** | | |
| Захираи рухсатии истифоданашуда | 14 | 14 |
| Музди меҳнати ҳисобшуда | 220 | 273 |
| | 234 | 287 |
| **Дигар уҳдадориҳои ғайримолиявӣ** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт аз рӯи молҳо ва хизматрасониҳо | 5,120 | 240 |
| Пешпардохтҳои гирифташуда | 63 | - |
| Дигар | - | - |
| | 5,183 | 240 |
| | 5,417 | 527 |



Scanned with CamScanner

Ҳаракатҳо дар захираи рухсатии истифоданашуда барои солҳое, ки 31 декабри соли 2025 ва 2024 ба охир расидаанд, чунинанд:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| Ба ҳолати 1 январ | 14 | 13 |
| Ташаккулёбӣ | - | 1 |
| Барқарорсозӣ | - | - |
| Ба ҳолати 31 декабр | 14 | 14 |

## 17. САРМОЯИ САҲҲОМӢ

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 андозаи сармояи саҳомии бақайдгирифташуда ва пардохтшудаи ҶСП Ташкилоти суғуртавии «Паймон Иншуренс» 12,000 ҳазор сомониро ташкил дод. Мувофиқи оинномаи Ширкат, сармояи саҳомӣ аз 120,000 адад саҳмияҳои оддӣ иборат мебошад. Саҳмияҳои оддӣ дорои арзиши номиналии 100 сомонӣ барои як саҳмия мебошанд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 ҳайати саҳмдорон ба таври зерин буд:

| | 31 декабри соли 2025 | Ҳисса | 31 декабри соли 2024 | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП «Тоҷиквнештранс» | 1,200 | 10% | 1,200 | 10% |
| ҶСП «Маркази савдои Кушониён» | 10,800 | 90% | 10,800 | 90% |
| | 12,000 | 100% | 12,000 | 100% |

Дар соли 2025, аз рӯи натиҷаҳои соли молиявие, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2024 ба анҷом расид, Ширкат дивидендҳоро эълон накард ва пардохт нанамуд.

## 18. ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВИИ ШАРТӢ

### Ӯҳдадориҳо аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 Ширкат аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ ӯҳдадорӣ надошт.

### Даъвоҳои судӣ

Баъзе вақт дар ҷараёни фаъолияти Ширкат мизоҷон ва контрагентҳо нисбат ба Ширкат даъвоҳо пешниҳод менамоянд ва инчунин Ширкат низ нисбат ба мизоҷон даъвоҳо пешниҳод мекунад. Роҳбарият чунин меҳисобад, ки ухдадории ниҳоӣ, агар чунин ухдадорӣ ба миён ояд, вобаста ба ин даъвоҳо ва шикоятҳо ба ҳолати молиявӣ ё натиҷаҳои фаъолияти ояндаи молиявию хоҷагидории Ширкат таъсири манфии назаррас нахоҳад расонид.

### Андозбандӣ

Бинобар мавҷуд будани муқаррарот дар қонунгузории тиҷоратӣ ва, аз ҷумла, дар қонунгузории андози Тоҷикистон, ки метавонанд зиёда аз як маънидод дошта бошанд, инчунин вобаста ба таҷрибаи мақомоти андоз ҷиҳати баровардани хулосаҳои худсарона оид ба масъалаҳои фаъолияти Ширкат, дар сурати аз ҷониби мақомоти андоз мавриди баҳс қарор гирифтани ягон амали мушаххас, ки ба маънидоди қонунгузорӣ нисбат ба фаъолияти Ширкат аз ҷониби роҳбарият асос ёфтааст, ин метавонад ба ҳисобкунии андозҳои иловагӣ, ҷаримаҳо ва суступлиҳо оварда расонад.



Scanned with CamScanner

Чунин номуайянӣ метавонад, аз ҷумла, ба арзёбии воситаҳои молиявӣ, таъсиси андозаи захираҳо барои беқурбшавӣ аз рӯи талафот ва муайян кардани сатҳи бозории нишондиҳандаҳои нархӣ аз рӯи аҳдҳо дахл дошта бошад. Роҳбарияти Ширкат мутмаин аст, ки ҳамаи ҳисобкуниҳои зарурӣ оид ба андоз иҷро карда шудаанд ва мувофиқан, дар ҳисобот ягон захира ҳисоб карда нашудааст.

**Ҳолати иқтисодӣ**

Фаъолияти асосии иқтисодии Ширкат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Бо назардошти он, ки қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ба вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда мунтазам тағйир меёбанд, дороиҳо ва амалиётҳои Ширкат дар ҳолати вазниншавии вазъиятҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба хавф дучор мешаванд.

**Баргардонидани дороиҳои молиявӣ**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дороиҳои молиявии Ширкат 115,184 ҳазор сомониро ташкил дод (48,890 ҳазор сомонӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2024). Ҷуброни ин дороиҳои молиявӣ ба дараҷаи баланд аз самаранокии фискалӣ ва дигар тадбирҳое, ки дар кишварҳои гуногун барои ноил шудан ба суботи иқтисодӣ, яъне омилҳое, ки аз назорати Ширкат берунанд, вобаста аст.

Баргардонидани дороиҳои молиявӣ Аз Ҷониби Ширкат дар асоси шартҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбуда муайян карда мешавад. Роҳбарияти Ширкат чунин мешуморад, ки дар айни замон барои эҷоди таъминоти иловагӣ барои дороиҳои молиявӣ дар асоси шароити мавҷуда ва маълумоти мавҷуда зарурат вуҷуд надорад.

**Муҳити амалиётӣ**

Бар хилофи бозорҳои бештар рушдёфта, бозорҳои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таъсири гуногуни хатарҳо дучор мебошанд, аз ҷумла хатарҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ. Таҷрибаи гузашта нишон медиҳад, ки ҳам мушкилоти молиявии эҳтимолӣ ва ҳам воқеии мавҷуда, дар баробари афзоиши сатҳи хатарҳое, ки барои сармоягузорӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд хосанд, метавонанд ба иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ ва ба фазои сармоягузорӣ, махсусан, таъсири манфӣ расонанд.

Танзими меъёриву ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба тағйирот дучор мебошад. Эҳтимолияти тафсирҳои гуногун аз қонунгузории андоз, асъор ва гумрук, инчунин дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ, ки Ширкат ҳангоми фаъолияти худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба рӯ мешавад, вуҷуд дорад. Самти минбаъдаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди зиёд аз тадбирҳои иқтисодӣ, андозӣ ва сиёсати пулӣ-кредитии кишварҳо, инчунин тағйирот дар заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсӣ вобаста мебошад.

Ҳисоботи молиявии мазкур ягон ислоҳотеро, ки метавонад дар оянда бо сабаби бартараф гардидани ин номуайянӣ зарур гардад, дар бар намегирад. Ислоҳоти эҳтимолӣ метавонанд дар он даврае ба ҳисобот ворид шаванд, ки зарурати инъикоси онҳо равшан гардад ва муайян кардани арзиши шумораviaшон имконпазир шавад.



Scanned with CamScanner

## 19. АМАЛИЁТҲО БО ШАХСОНИ ВОБАСТА

Ҳангоми баррасии ҳар як ҷониби вобастаи имконпазир, таваҷҷуҳи хосса ба моҳияти муносибатҳо, на танҳо ба шакли ҳуқуқии онҳо, зоҳир карда мешавад.

Дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024, дар бораи амалиётҳо бо шахсони марбут маблағҳои зерин гузориш дода шудаанд:

| | 31 декабри соли 2025 | | 31 декабри соли 2024 | |
|---|---|---|---|---|
| | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ |
| Дигар уҳдадориҳо | 43 | 5,417 | 46 | 527 |

Дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 31 декабри солҳои 2024 анҷом ёфтанд дар натиҷаи муомилот бо шахсони марбут маблағҳои зерин гузориш дода шудаанд:

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст | |
|---|---|---|---|---|
| | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ |
| Хароҷотҳои амалиётӣ: | | | | |
| Маоши ҳайъати асосии кормандони идоракунанда | 36 | 232 | 25 | 106 |
| Ҷудокуниҳо ба Фонди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7 | 46 | 21 | 42 |

Амалиётҳо бо шахсони вобаста ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | Контрагент |
|---|---|
| **Уҳдадориҳо** | |
| Дигар уҳдадориҳо | Саҳмдор |
| **ФОИДА Ё ЗАРАР** | |
| Маоши ҳайъати асосии кормандони идоракунанда | Директор |
| Ҷудокуниҳо ба Фонди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Директор |



Scanned with CamScanner

## 20. ТАЛАБОТИ ПРУДЕНСИАЛӢ

Мувофиқи нишондиҳандаҳои миқдории муқарраршуда бо мақсади таъмини таносуби меъёрии маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшуда, ҶСП ТС «Паймон Иншуренс» вазифадор аст талаботи марбут ба андозаи ҳадди ақали маржаи пардохтпазириро барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки фаъолияти худро аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ амалӣ менамоянд, иҷро намояд.

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| **МЕЪЁРИ КИФОЯТИИ ДОРОИҲОИ ПАРДОХТПАЗИР** | | |
| Дороиҳои пардохтпазир | 116,002 | 49,773 |
| Маблағи захираҳои суғуртавии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тарҳи ҳиссаи азнавсуғуртакунанда дар охири моҳи ҳисоботӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 52,387 | 35,782 |

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| **МЕЪЁРИ КИФОЯТИИ МАРЖАИ ПАРДОХТПАЗИРӢ** | | |
| Андозаи ҳадди ақали маржаи пардохтпазирӣ бо усули ҳисобкунии мукофотҳои суғуртавӣ | 62,249 | 59,761 |
| Маржаи пардохтпазирии ҳақиқӣ | 64,551 | 13,912 |

Фоидаи соф барои сол маблағеро тибқи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон ифода менамояд, ки метавонанд аз талаботи СБҲМ (IFRS) фарқ кунанд.

Ҳаҷми маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшуда ва коэффитсиенти маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшудаи ҶСП ТС «Паймон Иншуренс» ба тарзи зерин пешниҳод шудаанд:

| Андоза ва таносуби маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшуда | Таносуб барои мақсадҳои маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулшуда | Таносуби ҳадди ақали талабшаванда |
|---|---|---|
| **ба 31 декабри с. 2025** | | |
| Меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирӣ M1(1) | 1.04 | 1 |
| Меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирӣ M1(2) | 0.38 | 2 |
| Меъёри кифоятии дороиҳои пардохтпазир M2 | 2.21 | 1 |
| **ба 31 декабри с. 2024** | | |
| Меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирӣ M1(1) | 0.23 | 1 |
| Меъёри кифоятии маржаи пардохтпазирӣ M1(2) | 0.10 | 2 |
| Меъёри кифоятии дороиҳои пардохтпазир M2 | 1.39 | 1 |



Scanned with CamScanner

## 21. ИДОРАКУНИИ САРМОЯ

Ширкат иҷрои идоракунии сармояро ба манзури таъмини идомаи фаъолияти худ, бо ба ҳадди аксари расонидани фоидаи саҳмдорон тавассути оптимизатсия кардани муносибати маблағҳои қарзӣ ва сармояи худӣ, амалӣ мекунад.

Сохтори сармояи Ширкат аз маблағҳои қарзӣ ва сармояи саҳмдорон иборат аст, ки сармояи баровардашуда ва фоидаи тақсимнашударо дар бар мегирад, ки дар ҳисоботи тағйирёбии сармоя дарҷ карда мешавад.

Сохтори сармоя мунтазам аз ҷониби роҳбарияти Ширкат баррасӣ карда мешавад. Дар ҷараени ин баррасӣ, роҳбарият, аз ҷумла, арзиши сармоя ва хавфҳои марбут ба ҳар як синфи сармояро таҳлил мекунад. Дар асоси тавсияҳои роҳбарият, Ширкат сохтори сармояро тавассути капитализатсияи иловагии фоидаи тақсимнашуда, ҷалби маблағҳои иловагии қарзӣ ё пардохти қарзҳои амалкунанда ислоҳ мекунад.

## 22. СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Идоракунии хавфҳо дар фаъолияти Ширкат нақши муҳим дорад. Хавфҳои асосие, ки ба фаъолияти Ширкат марбутанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- Хавфи қарзӣ;
- Хавфи амалиётӣ;
- Хавфи пардохтпазирӣ;
- Хавфи бозорӣ.

Барои таъмини сиёсати самараноки идоракунии хавфҳо Ширкат принсипҳои асосии идоракунии хавфҳоро муайян кардааст. Мақсади ин принсипҳо аз ҳимоя кардани Ширкат аз хавфҳои мавҷуда ва имкон додан барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда иборат аст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 31 декабри соли 2024 дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявии Ширкат ба таври зерин пешниҳод шудаанд:

| | 31 декабри с. 2025 | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 115,184 | 48,890 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 115,184 | 48,890 |
| **УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Захира барои пӯшонидани зарар | 14,852 | 5,770 |
| Ухдадорихои ичора | 48 | 35 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 234 | 287 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 15,134 | 6,092 |



Scanned with CamScanner

**Хавфи суғуртавӣ**

***Сиёсатҳо оид ба суғурта***

Ширкат роҳнамо ва ҳадҳоро оид ба суғурта муқаррар менамояд, ки онҳо кӣ ва кадом хавфро метавонад қабул кунад ва то кадом маблағро муайян мекунанд. Мониторинги ин ҳадҳо дар асоси доимӣ амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти Ширкат аз рӯи суғуртаи мустақим дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад

***Захираҳои суғуртавӣ***

Дар Тавзеҳоти 14 захираҳо аз рӯи зарарҳо муфассалтар кушода дода мешаванд. Ширкат кифоятии захираҳои чорабиниҳои пешгирикунандаро дар санаи ҳисоботӣ мунтазам таҳлил менамояд.

**Хавфи амалиётӣ**

Ширкат гирифтори хавфи амалиётиест, ки он хавфи пайдоиши зарареро, ки дар натиҷаи дилхоҳ нуқсони низомӣ, қатъ гардидани равандҳои дохиливу низом, хатоҳое, ки одамон содир мекунанд ва ё таъсири омилҳои манфии беруна ба миён меоянд, инъикос менамояд.

Сиёсати идоракунии хавфи Ширкат барои ҳамоҳанг кардану таҳлил кардани хавф ва муқарраркунии меъёрҳои марбутаи хавф ва назорат таҳия карда шудааст.

**Тамаркузи ҷуғрофӣ**

Ҳамаи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои Ширкат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутамарказ шудаанд. Роҳбарияти Ширкат назоратро бар хавфи вобаста ба тағйирёбии меъёрҳои қонунгузорӣ амалӣ менамояд ва таъсири онро ба Ширкат арзёбӣ мекунад. Чунин муносибат ба Ширкат имкон медиҳад, ки зарарҳои эҳтимолиро аз муҳити сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадди ақал расонад.

**Риск ликвидности**

Хавфи пардохтпазирӣ — ин хавфи он аст, ки Ширкат наметавонад ҳамаи уҳдадориҳоро дар муҳлати пардохташон пардохт намояд (ё иҷро намояд). Мавқеи пардохтпазирии Ширкат таҳти назорат ва идора қарор дорад. Ширкат буҷетбандии муфассал ва пешгӯии воситаҳои пулиро барои таъмини мавҷудияти миқдори кофии воситаҳои пулӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳо истифода мебарад. Роҳбарият афзоиши даромад ва фоидаи Ширкатро дар оянда дар натиҷаи рушди минбаъдаи фаъолияти оператсионӣ пешбинӣ менамояд.

Дар ҷадвали дар зер овардашуда таҳлили хавфи фоизии тавозунӣ ва хавфи пардохтпазирӣ пешниҳод шудааст:.

| | % | То 1 моҳ | 1 - 3 моҳ | 3 моҳ- 1 сол | 1 сол- 5 сол | Мӯҳлат номуайян | 31 декабри с. 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | 115,184 | - | - | - | - | 115,184 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 115,184 | - | - | - | - | 115,184 |
| **УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | | | | |
| Захира барои пӯшонидани зарар | | - | - | - | - | 14,852 | 14,852 |
| Ухдадорихои иҷора | 25% | - | 4 | 22 | 22 | - | 48 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 5,417 | - | - | - | - | 5,417 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 5,417 | 4 | 22 | 22 | 14,852 | 20,317 |
| Фарқият байни дороиҳо ва ухдадориҳо | | 109,767 | (4) | (22) | (22) | (14,852) | 94,867 |



Scanned with CamScanner

| | % | То 1 моҳ | 1 - 3 моҳ | 3 моҳ-1 сол | 1 сол-5 сол | Мӯҳлат номуайян | 31 декабри с. 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | 48,890 | - | - | - | - | 48,890 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 48,890 | - | - | - | - | 48,890 |
| **УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | | | | |
| Захира барои пӯшонидани зарар | | - | - | - | - | 5,770 | 5,770 |
| Ухдадорихои ичора | 25% | 3 | 10 | 12 | 10 | - | 35 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 527 | - | - | - | - | 527 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 530 | 10 | 12 | 10 | 5,770 | 6,332 |
| Фарқият байни дороиҳо ва уҳдадориҳо | | 48,360 | (10) | (12) | (10) | (5,770) | 42,558 |

Аз рӯйи ҳамаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯйи онҳо фоиз ҳисоб карда мешавад, ҳисобкунии фоиз тибқи меъёрҳои муайяни фоизи собит анҷом дода мешавад.

**Хавфи бозорӣ**

Хатари бозорӣ дар бар мегирад хатари тағйирёбии фоизӣ, хатари асъорӣ ва дигар хатарҳои нарх, ки Ширкат ба онҳо дучор мешавад. Дар соли 2025 дар таркиби ин хатарҳо ва усулҳои баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо дар Ширкат тағйироте ба вуҷуд наомад.

Ширкат таҳти хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ қарор надорад, зеро Ширкат маблағҳоро бо меъёри тағйирёбанда ҷалб намекунад. Дар сурати ҷалби маблағҳо бо меъёри фоизии тағйирёбанда, хавфҳо аз ҷониби Ширкат тавассути нигоҳ доштани таносуби зарурӣ байни қарзҳо бо меъёрҳои муқарраршуда ва тағйирёбанда идора карда мешаванд.

**Хавфи асъорӣ**

Хавфи асъорӣ — ин хавфи он аст, ки тағйирёбии қурбҳои мубодила ба натиҷаҳои молиявии Ширкат таъсири манфӣ мерасонанд. Ширкат аҳдҳои назаррасро бо асъори хориҷӣ анҷом намедиҳад. Ширкат асбобҳои ҳосилавиро (инструментҳои ҳосилавӣ) барои идоракунии хавфи асъорӣ истифода намебарад, дар айни замон Роҳбарияти Ширкат кӯшиш менамояд, ки ин хавфро тавассути идоракунии дороиҳои пулӣ ва уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ дар як сатҳ (кам ё зиёд устувор) коҳиш диҳад.

Маълумот дар бораи сатҳи хавфи асъории Ширкат ба таври зерин пешниҳод шудааст:

| | Сомони | Долл. ИМА | Рубли русӣ | 31 декабри с. 2025 |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 96,506 | 551 | 18,127 | 115,184 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 96,506 | 551 | 18,127 | 115,184 |
| **УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | |
| Захира барои пӯшонидани зарар | 14,852 | - | - | 14,852 |
| Ухдадорихои ичора | 48 | - | - | 48 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 5,417 | - | - | 5,417 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 20,317 | - | - | 20,317 |
| МАВҚЕИ ХОЛИС | 76,189 | 551 | 18,127 | 94,867 |



Scanned with CamScanner

| | Сомони | Долл. ИМА | Рубли русӣ | 31 декабри с. 2024 |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 48,246 | 644 | - | 48,890 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 48,246 | 644 | - | 48,890 |
| **УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | | | |
| Захира барои пӯшонидани зарар | 5,770 | - | - | 5,770 |
| Уҳдадориҳои иҷора | 35 | - | - | 35 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 527 | - | - | 527 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 6,332 | - | - | 6,332 |
| МАВҚЕИ ХОЛИС | 41,914 | 644 | - | 42,558 |

## 23. ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ

Фаъолияти Ширкат танҳо ба фаъолияти суғуртавӣ марбут буда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутамарказ шудааст.

## 24. ҲОДИСАҲО ПАС АЗ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ

**Эълони ҳаққусаҳмҳо (дивидендҳо)»**

Дар маҷлиси умумии навбатии саҳмдорон, ки 5 январи соли 2026 баргузор гардид, фоидаи софи Ширкат аз рӯи натиҷаҳои давраи ҳисоботӣ дар андозаи 49,000 ҳазор сомонӣ расман тасдиқ карда шуд. Аз ҷониби саҳмдорон қарор қабул гардид, ки тамоми маблағи фоидаи соф барои пардохти дивидендҳо равона карда шавад.



Scanned with CamScanner

## Kreston AC, LLC

**Тамос:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, 734025**
**гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Мирзо Турсунзода 10 ,**
**Тел: +992 90 777 2322**
**Эл. почта: info@kreston.tj**

Scanned with CamScanner